Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

# Овози тоҷик

آواز تاجيک

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

3 декабри соли 2003. Чоршанбе № 92 (12935)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 20.45 имзо гардид.

## Ислом КАРИМОВ:

# Ҳар як инсон бояд эҷодкор бошад



**Дар солҳои истиқлол дар Ӯзбекистон бисёр иншоотҳо бунёд ёфтанд. Бо ташаббуси сарвари давлати мо, ки аз рӯзҳои аввали истиқлолият ба эҳёи мероси гузаштагони бузург, обод гардонидани ҷойҳои муқаддасе, ки ба ҳаёти онҳо вобастаанд, эътибори махсус медод, маҷмӯи ёдгориҳо таъмир гардиданд ва симои нав пайдо карданд. Дар хокҷойҳои олимони бузург ва мутафаккирони беназир чун Имом Бухорӣ, Аҳмад Фарғонӣ, Мотурудӣ, Баҳовуддини Нақшбанд корҳои тармиму ободонӣ авҷ гирифтанд.**

Дар натиҷаи ислоҳоти амиқ, ки дар соҳаи ҳифзи сиҳҳат гузаронида мешаванд, дар бисёр деҳоти кишвари мо нуқтаҳои ҳозиразамони тиббӣ бунёд ёфтанд. Мардуми мо ҳамчунин аз хизмати марказҳои хизмати таъҷилии тиббӣ хеле мамнунанд. Литсейҳои академӣ ва коллеҷҳои касбӣ, ки ҳоло дар онҳо ҳазорҳо духтарон ва писарон таҳсил мегиранд, низ натиҷаи ислоҳотест, ки дар ҷабҳаи таълими халқ ба амал бароварда мешаванд.

Фармони Президенти ҷумҳурият «Дар бораи таъсиси Бунёди инкишофи варзиши бачагонаи Ӯзбекистон» боз ба як ҳаракат дар кишвари мо ибтидо гузошт. Алҳол дар шаҳрҳо ва деҳот маҷмӯъҳои варзишӣ сохта мешаванд, стадионҳо, кортҳои теннис, толорҳо барои гӯштин бунёд мегарданд.

— Дар асл ҳар як инсон бояд эҷодкор бошад, — гуфт раҳбари ҷумҳурияти мо ҳангоми шиносоиаш бо корҳое, ки дар маҷмӯи ёдгорӣ ба муносибати 900-солагии Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ бурда шудаанд. Худованд инсонро эҷодкор офаридааст. Танҳо ба олам омадани ӯ худ аз худ эҷоди бузургест. Волидайн, тарбиятгарон, олимони бузург ва мутафаккирон дар ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ ва тафаккури инсон таъсири бузург мерасонанд. Бо корҳои нек ва андешаҳои хайрхоҳонаи хеш мо номи нек пайдо мекунем. Яъне эҷодкорӣ корҳои неки инсон аст.

Президенти кишвари мо 27 ноябр дар маросими кушоиши Қасри варзиш барои 500 тамошобин, ки дар шафати мақбараи Ғиҷдувонӣ қомат рост кардааст, иштирок намуд.

Дар остонаи ин иншооти зебо Президентро бачагоне, ки дар шӯъбаҳои варзишии ин ҷо машғулият мегузаронанд, пешвоз гирифтанд. Гӯштингирони кӯчак, гимнастбозони наврас сарвари кишварро иҳота намуданд.

Сарвари давлат иншооти варзиширо тамошо кард, бо шароитҳое, ки дар ин ҷо мавҷуданд ошно гардид. Масъалаҳои гармидиҳии бино дар фасли зимистон ва воситаҳои хунуксозии он дар тамузи тобистон низ аз эътибори ӯ берун намонданд.

... Аз оғози сохтмони ин Қасри мӯҳташами варзишӣ вақти зиёде нагузаштааст. Бинокорони ҷамъияти саҳҳомии «Тресги 20-ум» ва иттиҳодияи «Бухорогазсаноатқурилиш», ки дар бунёди иншоотҳои бузург таҷрибаи бой доранд, бо тамоми қувва кор карданд.

Дар ошёнаи якуми бино золи варзишӣ барои гузаронидани мусобиқаҳо ҷой дорад. Дар хонаҳои ошёнаи дуввум бачагон бо бокс, гӯштин, тенниси рӯи миз, гимнастика, шоҳмот ва шашка машғул мешаванд...

Зиёда аз нисфи аҳолии Ғиҷдувонро ҷавонон ва кӯдакон ташкил медиҳанд. Бинобар ҳамин ҳам иншооти ба ҳамин монанди варзишӣ бояд дар шаҳр зиёд бошад, — гуфт Президент. Зеро варзиш инсонро на фақат ҷисмонан нирӯманд мекунад, балки маънан низ солим мегардонад. Агар бо дигар суханон ифода намоем, имкон медиҳад, ки нирӯи офаринандаи ӯ такмил ёбад.

Баъд аз ба истифода супурдани қаср дар ин ҷо зиёда аз се ҳазор бачагон бо варзиш машғул мешаванд.



**Воҳид ЛУҚМОН,**
**Илҳом САФАР,**
**хабарнигорони ӮзА.**
**Суратгирон Р.ҶУМЪАНИЁЗОВ ва Ш.ШАРОПОВ.**

# Эътиборномаҳо супурда шуданд

**1 декабр дар қароргоҳи Оқсарой Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов эътиборномаҳои чандин нафар аз сафирони навинтихобшудаи хориҷиро қабул намуд.**

Ислом Каримов Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Қазоқистон дар мамлакати мо Тлеухан Қабдраҳмоновро қабул намуда, ӯро бо ин таъиноти ифтихорӣ ва вазифаи масъулиятнок табрик кард ва муносибатҳои боз ҳам рушдёбандаи байни Ӯзбекистон ва Қазоқистонро дар тамоми соҳаҳо таъкид намуд.

Ҳар ду давлат дар доираҳои сохторҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, ба мисли ИДМ, Созмони Ҳамкории Шанхай ва дигар ташкилотҳо фаъолона ҳамкорӣ менамоянд.

Зимни сӯҳбати Президенти Ӯзбекистон бо сафири Қазоқистон табодули афкор дар бораи рушди минбаъдаи робитаҳои тарафайн дар соҳаҳои тиҷорат, сармоя, сайёҳӣ, кишоварзӣ ва саноати кешбофӣ ба амал омад.

◆◆◆

Ҳамон рӯз Президент Ислом Каримов аз Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам дар Ӯзбекистон Фам Зуй Шон низ эътиборномаро қабул кард.

Сарфи назар аз фосилае, ки ин ду мамлакат дар байни худ доранд, имконоти зиёд барои инкишофи ҳамкории тарафайн байни Ӯзбекистон ва Ветнам вуҷуд дорад. Сафир аз ҷумла таъкид кард, ки барои васеъ намудани ҳамкории тарафайни барои ду ҷониб муфид дар соҳаҳои иқтисодиёт, фарҳанг ва сайёҳӣ азм хоҳад кард.

Ислом Каримов ба дипломати Ветнам дар вазифаи нави ӯ муваффақият таманно намуд.

Сафири Ветнам бовар кунонд, ки тамоми кӯшиши худро барои тавсеъаи минбаъдаи мушорикат ва ҳамкории байни ду мамлакат ба харҷ хоҳад дод.

◆◆◆

Ба Президенти Ӯзбекистон эътиборномаи худро инчунин Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Мардумии Чин дар мамлакати мо Гао Юйшен супурд.

Ҳангоми сӯҳбат бо сафир Ислом Каримов арз кард, ки дар солҳои сипаригардида асосҳои хуб барои инкишофи минбаъдаи муносибати байни Ӯзбекистон ва Чин ва ҳамчунин истифода аз тамоми зарфият ба манфиати ҳар ду мамлакат ба вуҷуд омадааст.

Сафири Чин, ки дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай шарики мо мебошад, таъкид кард, ки яке аз вазифаҳои асосии худро дар ҳиссагузории шахсии худ дар кори васеъ намудани ҳамкории тарафайн, алоқаҳои тиҷоратию иқтисодӣ мебинад ва вазифаи худро дар Ӯзбекистон чун кори ифтихорӣ арзёбӣ мекунад.

Ислом Каримов ба сафир тавфиқ хоста, изҳори боварӣ кард, ки алоқаҳои байни давлатҳои мо минбаъд низ босамар инкишоф хоҳанд ёфт.

◆◆◆

Президент Ислом Каримов эътиборномаро аз Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ӯзбекистон Муҳаммади Фатҳалӣ пазируфт.

Эрон ба масъалаҳои ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон диққати худро зиёд менамояд. Ҳар ду давлат соҳиби зарфияти бузург мебошад, ки мавриди таваҷҷӯҳи тарафайн қарор дорад.

Ӯзбекистон ва Эрон хусусан дар соҳаи коммуникатсияҳои нақлиёт фаъолона ҳамкорӣ мекунанд. Алоқаҳо дар ин самт натанҳо дар асоси тарафайн, балки дар асоси бисёрҷониба ба роҳ гузошта мешаванд. Аз ҷумла, мамлакатҳои мо якҷоя дар барқарорсозӣ ва такомули сохтори нақлиёти Афғонистон саҳми зиёд мегузоранд.

Зимни мулоқот табодули афкор доир ба масъалаҳои инкишофи минбаъдаи ҳамкорӣ ба амал омад.

# Ҳиссаи мактаббачагон

Дар рӯзҳои ғунучини ҳосил дар ноҳияи Зафаробод ҳашарчиён ба 32-гурӯҳ ҷудо шуда, ба деҳқонон ёрӣ расонданд. Аз сардори гурӯҳи рақами 6-ум (ин гурӯҳ асосан иборат аз мактаббачагон буд) директори мактаби рақами 14-и ноҳияи Фориш Ғоиб Эргашев хоҳиш кардем, оиди фаъолияти ҳашарчиён нақл кунад.

—Гурӯҳи мо аз 169 нафар мактаббачагон иборат буд. Инҳо хонандагони мактабҳои рақами 13, 14, 17, 19, 46, 49, 51, 31,32 (ҳамагӣ 9-то)-и деҳаҳои Порашт, Сафар-ота, Қирлашган, Боломон, Отақӯрғон, Моҷарум ва Ӯхм мебошанд. Мактаббачагон дар мавсими имсола хуб меҳнат карданд. Ба ҷои 253 тонна ба миқдори 258 тонна пахта ҷамъ оварданд. Маҳз ба туфайли шуҷоати онҳо пахтакорони ноҳия пеш аз муддат ба марра расиданд.

Назар ба гуфти Ғоиб Эргашев хонандагони гурӯҳ дар ғунучини ҳосили хоҷагиҳои фермерии «Таман»,«Салимбой»,«Ҳамдӯстлик»,«Ханҷарбобо» саҳм гирифтанд ва бо кӯмаки онҳо ин фермерон ғалбер аз об бардоштанд.

Баъзе хонандагон ба ивази пахтаи чиндаашон то 70 ҳазор сӯм пул гирифтанд. Қӯнарова Меҳрӣ, Арзиев Ҳасанбой, Шарифов Фурқат, Бозоров Ҷасур (мактаби рақами 46), Қазоқов Муҳиддин, Олтиев Кӯмакбой, Ҳоҷиев Фаррух, Алимова Холида, Полвонов Нурмат (мактаби рақами 14), Деҳқонов Озод, Қучқоров Рӯзибой (мактаби рақами 49) ба дигарон намунаи ибрат буданд. Ҳашарчиён дар 4 бошишгоҳ ҷойгир шуда буданд. Аз омӯзгорон Тоҷибой Ҷиянов, Асалбой Икромов (мактаби рақами 46), Атақул Ботуров (мактаби рақами 32), Миршакар Эргашев (мактаби рақами 13), Умрзоқ Мавлонов (мактаби рақами 17), Додобой Хӯҷамёров (мактаби рақами 31), Ӯктам Элмуродов (мактаби №14) бар он кӯшиданд, ки хонандагон аз ҳеҷ чиз танқисӣ накашанд. Баробари мактаббачагон як гурӯҳ хизматчиён ва омӯзгорон низ ба деҳқонон кӯмак расонданд. Эргашева Шоҳида, Неъматова Сарвиноз (мактаби рақами 14), Эргашев Бозорбек (мактаби 49), Эргашев Шарофбой, Ҷӯраев Ҳасанмурод (омӯзгорони мактаби 14)ба хирмани пурбор ҳар рӯз ба миқдори 100 килограммӣ «тиллои сафед» рехтанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# Ҳуқуқҳои шаҳрванд ва матбуот

Бинобар барномаи ташкилию маърифатӣ оид ба васеъ тарғиб намудани вазифаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар маърӯзаи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар иҷлосияи нуҳуми Олий Маҷлис аз хусуси онҳо сухан рафт, Суди конститутсионӣ, Суди олӣ, Суди олии хоҷагидорӣ, Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Оҷонсии миллии иттилоотии Ӯзбекистон, Бунёди иҷтимоӣ-сиёсии демократиконӣ ва дастгирии расонаҳои ахбори оммавӣ дар мавзӯи «Такмил додани санҷиши муроҷиатҳо дар расонаҳои ахбори оммавӣ оид ба масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон» барои журналистоне, ки дар ин ҷабҳа эҷод мекунанд, сӯҳбати навбатӣ дар атрофи «мизи мудаввар» ба амал омад.

Дар тадбир намояндагони ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия, Суди конститутсионӣ, Суди олӣ, Суди олии хоҷагидорӣ, Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, расонаҳои ахбори оммавӣ ва олимони ҳуқуқшинос иштирок намуданд.

Маърӯзаҳои раиси Суди конститутсионӣ Б.Мустафоев, ҳамраиси Бунёди иҷтимоиву сиёсии демократиконӣ ва дастгирии расонаҳои ахбори оммавӣ Х.Дӯстмуҳаммедов, судяи Суди конститутсионӣ Х.Ёдгоров, ҷонишини раиси Суди Олии хоҷагидорӣ Ш.Рӯзиназаров, ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Халқ сӯзи» Ш.Ҷабборов ва дигарон шунида шуданд.

Нақши расонаҳои ахбори оммавӣ дар пешгирии вайронкунии ҳуқуқ, аз байн бардоштани ҳодисаҳое, ки ба анъана ва урфу одатҳои мо хилофанд, бузург аст.

Бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон аз тариқи расонаҳои ахбори оммавӣ, сари вақт дида баромадани муроҷиати онҳо Олий Маҷлис қонунҳои зеринро қабул кардааст: 6 маи соли 1994— «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон», 30 августи 1996— «Дар бораи фаъолиятиноширӣ», 24 апрели соли 1997— «Дар бораи ҳимояи фаъолияти касбии журналист», 26 декабри соли 1997— «Дар бораи расонаҳои ахбори оммавӣ», 12 декабри соли 2002— «Дар бораи равандҳо ва кафолатҳои озодии ахбор». Ҳамчунин фармонҳо ва қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Дар ҷумҳурият 813 расонаҳои ахбори оммавӣ амал мекунанд, ки 562-тои онҳо рӯзномаҳо, 172-тоашон маҷалла, 4 оҷонсии иттилоотӣ, 75 студияи радиои телевизионӣ ва студияҳои кабелии телевизионӣ мебошанд. Аризаҳои расидашуда бояд таъҷилан санҷида шаванд.

Дар рафти сӯҳбат қайд гардид, ки ҳамкории мақомоти судию ҳуқуқӣ ва расонаҳои ахбори оммавӣ ба раванди ислоҳоти ҷабҳаи суду ҳуқуқ таъсири мусбӣ мерасонад, барои таъмини бартарияти қонунҳо дар ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва озодии шаҳрвандон аҳамияти муҳим дорад.

Дар тадбир раиси Кумитаи Олий Маҷлис оид ба мутбуот ва иттилоот Ӯ.Ҳошимов баромад кард.

**Беҳзод НОРБОЕВ,**
**хабарнигори ӮзА.**

## Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

# Дар бораи авф ба муносибати 11-умин солгарди қабули Қонуни Асосии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

**Ба муносибати 11-умин солгарди қабули Қонуни Асосии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз рӯи принсипҳои башардӯстӣ бар омада, дар асоси пункти 20 моддаи 93 Қонуни Асосии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон қарор мекунам:**

1. Маҳбусоне, ки ҷинояти сахт содир накардаанд, аз ҷазо озод карда шаванд:

а) занҳое, ки барои ҷинояти нахустини худ мӯҳлати ҷазоро аз сар мегузаронанд;

б) шахсоне, ки ҳангоми содир кардани ҷиноят синни 18-ро пур накардаанд;

в) шахсоне, ки то эътибор пайдо кардани Фармони мазкур тибқи қонунҳои муқарраргардида маъюбони гурӯҳи якум ва дуюм муқаррар гаштаанд;

г) мардҳоеро, ки то рӯзи эътибор пайдо кардани Фармони мазкур синни 60-ро пур кардаанд;

д) шахсоне, ки на бештар аз як сол то эътибор пайдо кардани Фармони мазкур мувофиқи қарори комиссияҳои тиббии муассисаҳои табобатӣ оид ба иҷрои ҷазо ва ё дар маҳалли иқомати худ чун мубталои бемории сахт шинохта шуда, он барои аз сар гузарондани ҷазо мамониат мекунад;

е) шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ, ки то содир намудани ҷиноят дар хориҷ аз Ҷумҳурияти Ӯзбекистон иқомати доимӣ доштаанд ва барои ба Ҷумҳурияти Ӯзбекистон омадан пас аз озод гардидан асосҳои қонунӣ надоранд.

2. Шахсоне, ки ба иллати ғофилӣ, ҳамчунин бори аввал ҷиноят содир намудаанд, агар онҳо ҷинояти барои ҷамъият хатари бузургдошта ва ё чандон сахтнабуда содир кардаанд, аз ҷазо озод карда шаванд.

3.Шахсоне, ки бори аввал аз озодӣ маҳрум гаштаанд ва муддати боқимондаи ҷазои онҳо на бештар аз ду сол мебошад, аз ҷазо озод гарданд.

4. Шахсоне, ки ҷиддан ба роҳи дурусти ислоҳшавӣ даромадаанд, ки ба муддати то 10 сол эътиборан барои иштирок дар фаъолияти созмонҳои ифроткорӣ, ба амал овардани ҷинояти зидди сохти конститутсионии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар ҳайати онҳо ва дигар кирдорҳои зидди бехатарии ҷамъият маҳкум гаштаанд, аз ҷазо озод карда шаванд.

5. Тамоми корҳои тафтишотӣ ва парвандаи ҷиноии ҷиноятқорон аз ҷониби судҳо, ки аз тарафи шахсоне, ки дар моддаи 1 Фармони мазкур зикр шудаанд ва ҳамчунин дар бораи ҷиноятқорон, ки хатари калони ҷамъиятӣ надоранд, қатъ карда шаванд.

6. Муддати ҷазои маҳбусоне, ки дар асоси Фармони мазкур озод намегарданд, қисми боқимондаи мӯҳлати ҷазо кӯтоҳ карда шавад:

а) онҳое, ки қасдан ҷиноят содир намудаанд ва ба мӯҳлати то 10 сол эътиборан аз озодӣ маҳрум гаштаанд—ба чоряк мӯҳлат;

б) онҳое, ки қасдан ҷиноят содир намуда, ба мӯҳлати бештар аз 10 сол аз озодӣ маҳрум гаштаанд—ба панҷяк мӯҳлат.

7. Фармони мазкур ба инҳо дахл надорад:

а) таъсири Фармони мазкур ба ресидивистҳои махсусан хатарнок, шахсоне, ки муттасил режими мӯҳлати ҷазоро вайрон мекунанд ва ҳамчунин шахсоне, ки қаблан аз ҷазо мувофиқи тартиби бахшиш ва ё авф озод гаштаанд ва аз нав қасдан ҷиноят содир намудаанд;

б) таъсири моддаҳои 1-3, 5, 6 Фармони мазкур ба шахсоне, ки барои иштирок дар фаъолияти созмонҳои ифроткорӣ маҳкум гаштаанд, дар ҳайати онҳо зидди сохти конститутсионии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҷиноят содир намудаанд ва ё зидди бехатарии ҷамъият амал намудаанд.

8. Фармон аз рӯзи нашри он эътибор пайдо карда, дар муддати се моҳ татбиқ мегардад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**
**И.КАРИМОВ.**

ш. Тошканд,
1 декабри соли 2003.

# Ярмаркаи маҳсулоти ватанӣ

**ТОШКАНД. (Мӯхбири ӮзА Ҷ.РАУПОВ). Дар «Ӯзэкспомарказ» ярмаркаи анъанавии чоррӯзаи ҷумҳурии савдои кӯтара кушода шуд. Дар он ба миқдори 210 миллион сӯмина махсулоти истеҳсолкунандагони ватанӣ гузошта шудааст.**

Мақсад аз гузарондани ярмарка бо истеъмолгарон барои соли 2004 аз рӯи хариду фурӯши маҳсулот бастани шартнома аст. Хели маҳсулоте, ки ба ярмарқа гузошта шудааст, рангоранг аст. Дар ин ҷо ҳар хел маҳсулот, аз ҷумла, сару либос, пойафзол, матоъ, гилем ва маҳсулоти чинивориӣ, инчунин нӯшокиҳои спиртдорро харид кардан мумкин.

Дар ярмарка корхонаҳои ширкатҳои саҳҳомии кӯтарафурӯши «Ӯзбексавдо», «Ӯзбекбирлашув», инчунин дигар фирма, ширкатҳо ва тадбиркорони мамлакат иштирок доранд.

# Заводи сода дар Қӯнғирот

**НУҚУС. (Хабарнигори ӮзА А. ОРТИҚБОЕВ). Бунёди заводи содаи Қӯнғирот дар пуштакӯҳи Устюрт ба анҷом мерасад.**

Корхонае, ки ҳар сол бояд сад тонна содаи партшуда истеҳсол намояд, бо суръати баланд қомат рост мекунад. Барои корҳои сохтмону монтаж 26,5 миллард сӯм ҷудо шуда буд. Аз он дар оғози соли равон 8,7 миллиард сӯм аз худ карда шуд.

Ҷонишини роҳбари сохтмон Обод Рамбергенов гуфт: — Сохтмони корпусҳои асосӣ ба анҷом расиданд. Ҳоло корро мутахассисони ширкати «Сити»-и Чин ва корхонаҳои ватанӣ идома медиҳанд.

Барои бо иқтидори тамом кор кардани корхона бояд беш аз се ҳазор коргар ин ҷо кор кунад. Бо назардошти ин вазъият, ба тайёр кардани мутахассисон низ эътибор дода мешавад. Ҳоло аз ҳисоби корхона дар чанд мактаби олии Нукусу Тошканд мутахассисон таҳсил мегиранд.

# Рӯйдодҳои ҷаҳон

Хабарҳо, воқеаҳо, шарҳу тафсилотҳо

## Роҳбари Аҷария ба мулоқот омода

***Дар Маскав роҳбарони се ҷумҳурии мухтор, ки расман аз ҷумҳуриҳои худмухтори Гурҷистон ба ҳисоб меравand, пас аз иваз гардидани роҳбарият дар Тифлис чандин мулоқот анҷом доданд.***



«Ин табаддулоти давлатӣ аст. Ба шумо хоҷати шарҳ додан нест, ки ҳангоми табаддулоти давлатӣ дар бораи қонунӣ будани ҳукумати баъдӣ сухан ҳам буда наметавонад»,— чунин арзёбӣ намуд иваз гардидани роҳбарияти Гурҷистонро роҳбари Аҷария Аслан Абашидзе.

Абашидзе даъват намуд, ки ҳама чораҳоро барои дар тамоми ҳудуди Гурҷистон паҳн нагардидани чунин вазъият андешанд. Мақсад аз ин ҷалб нагардидани дигар минтақаҳо ба мухолифат аст. Ба назари ӯ «чунин хатар имкон дорад».

Зимни ин Абашидзе инчунин аз кишварҳои ИДМ эрод гирифт, ки онҳо дар бартараф намудани мунокиша дар Гурҷистон фаъол нестанд. «Агар мамлакатҳои ИДМ на дирӯз, балки ҳафтае пеш, даҳ рӯз қабл аз ин ҷамъ меомаданд, ҳоло эҳтимол чунин бӯҳрон ба вуҷуд намеомад»,— изҳор кард ӯ.

Дар хусуси роҳбарони нави Гурҷистон ва интихоботи президентии пеш аз мӯҳлат сухан ронда, роҳбари Аҷария ҷиддан таъкид кард, ки ба ин вазифа номзадии худро гузоштан намехоҳад. «Ин қобили таҳаммул нест, вақте ки ба сари ҳукумат миллатгароёни фавқулодда омаданд, ки президенти қонуниро вожгун сохтанд», гуфт Абашидзе.

## Кенгуру дар шиносномаҳои Австралия

***Дар Австралия шиносномаҳои навро ҷорӣ мекунанд, ки дар он кенгуруи ҷаҳанда бо тасвири лазерӣ ҷойгир карда мешавад. Кенгуру дар ин қитъаи Сабз рамзи миллӣ ба ҳисоб меравад.***

Дар рӯи чунин саҳифаи ҳуҷҷат, ки мушаххасоти соҳиби он сабт мегардад, минбаъд тасвири лазерии кенгуру ҳам ҷой дода мешавад, ки он ҳангоми аз ҳар тараф нигоҳ кардан дар ҳолати ҷаҳиш мебошад.

Вазири корҳои хориҷии Австралия Александер Даунер рӯзи панҷшанбеи гузашта гуфт, ки шиноснома (паспорт)-ҳои нав бо аломатҳои фарққунанда нашр гаштаанд, ки умуман сохтакорӣ кардани он аз имкон берун аст.

Бино ба фикри ӯ ҷорӣ намудани ҳуҷҷатҳои нав барои бартараф сохтани ба мамлакат ворид гардидани террористон ва муҳоҷирони ғайриқонунӣ бо ҳуҷҷатҳои сохта мебошад.

Тавре ки радиои Эй-би-си хабар медиҳад, шиносномаҳои нав маҳсули меҳнати бисёрсолаи мутахассисони шӯъбаи корҳои хориҷии ҳукумати мамлакат ва шарикони он мебошад.

## Роҳбари ҳизбро дуздиданд

***Дар маҳалли Киркук, ки дар шимоли Ироқ воқеъ гардидааст, шахсони номаълум роҳбари ҳизби Муттаҳидсозии араб Исмоил ал Абудиро дуздиданд.***

Ба суханони шоҳидони ин воқеа истинод оварда, чунин хабарро оҷонсии ахбори МЕНА-и Миср паҳн намудааст.

Шахсоне, ки ба забони курдӣ гап мезаданд, бо таҳдид зери яроқ Абудиро маҷбур сохтанд, ки ба мошин савор шавад ва ӯро ба самти номаълум гирифта бурданд.

Оҷонсӣ таъкид мекунад, ки сабаб ва тақозои чунин дуздӣ ҳанӯз маълум нест.

## Дар Босния ҳарбиён кам мегарданд

***Вазирони мудофиаи мамлакатҳои аъзои НАТО зимни ҷамъомад 1-2 декабр қарорро дар хусуси 50 фоиз кам кардани миқдори қувваҳои НАТО дар Босния (СФОР) қабул намуданд.***

Рӯзномаи «Суар» рӯзи панҷшанбе дар хусуси ин маҷлис, ки дар Брюссел ба амал омад, хабар дода, менависад, ки дар охири соли 2004 чунин вазифаи пособонии сулҳро НАТО ба ихтиёри Иттиҳодияи Аврупо гузарондан мехоҳад.

Қувваҳои СФОР дар Босния аз моҳи декабри соли 1995 инҷониб қарор доранд ва ҳоло бештар аз 12 ҳазор сарбоз ва афсарро ташкил медиҳад.

***Натиҷаҳои мониторинге, ки ЮНИСЕФ (Бунёди бачагонаи СММ) дар як қатор мамолики олам, минҷумла дар ИМА гузаронида ва он дар матбуот эълон гардидааст, касро ба андеша водор месозад.***

# Тадқиқот чиро нишон дод?

Нуктаҳои он, қабл аз ҳама, ба ғамхорӣ дар ҳаққи модарон ва фарзандон, ҳифзи иҷтимоии онҳо, эътибор ба беҳдошти саломатии мардум, мустаҳкамсозии вазъи иқтисодии оилаҳо нигаронда шудаанд. Рақамҳое, ки дар мониторинг оварда мешаванд, водор месозанд, ки ҳар кас, модоме ӯ низ аъзои ягон оилаест, фактҳои овардашударо ба ҳам муқоиса созад, холисона хулоса барорад.

Дар Ӯзбекистон рост омадани таваллуди ҳамагӣ 4,7 фоизи кӯдакон аз модарони синнашон то 20-сола, ки ин нисбат ба як қатор мамолики олам нишондиҳандаи беҳтарин аст, касро мамнун месозад. Оиласозии бармаҳал ва барвақт фарзандбинӣ чи хел оқибатҳо дорад, ба ҳар яки мо маълум. Месазад дар ин хусус дигарбора андеша ронем.

«...Ҳар кор дар вақту соати худ», мегӯяд халқ. Бале, ба амал омадани ҳар кор дар вақту соати худ хуб аст. Бунёди оилаҳои ҷавон низ. Вале дар мо, ҳарчанд рақамҳои муқоисавии мониторинг нисбатан хубии вазъро дар Ӯзбекистон нишон медиҳанд, дар хонадоркунонии фарзандон шитобкории волидон ҳамон ба чашм мерасад.

Кам гардидани фавти модарон ва кӯдакон низ ҳодисаи хурсандибахш аст. Кош офтоби умри ягон модар ва кӯдак бемаҳал ғуруб намекард. Лекин чӣ илоҷ, дар зиндагӣ баъзан чунин нохушиҳои дилфишор ҳам рӯй дода меистанд.

Мутаассифона, худи мо низ баъзан сабабгори дардмандии модарони ҷавон ва кӯдакони онҳо мегардем—худнамоӣ ва ғурурҳои нозарур боиси вазнинии вазъи иқтисодии оилаҳо мешавад. Тӯй ва маросимҳои серхарҷ...Ба қавле, бо сӯзан дар давоми солҳо ёфта, дар як он бо панҷшоха бод додан... Дар натиҷа хоссатан оилаҳои камбисот ба қарз меғӯтанд. Киса, ки холист, рӯзгор, ки ба таври бояду шояд «буд ва бутун» нест, ғурбат ва носозиҳо ба амал меоянд. Бо хӯроки серғизо на модари ҷавон таъмин мегардаду на тифли ширхораи ӯ. Ин боиси касалиҳо ва ҳодисаҳои боз ҳам нохуштар мешавад.

Дар тадқиқоти мониторингӣ дар давоми 12 соли охир якуним баробар кам шудани дараҷаи бекор кардани ақди никоҳ зикр ёфтааст. Ин хуб аст. Вале кош он боз ҳам камтар ба мушоҳида мерасид ва агар илоҷ ҳаст, оилае вайрон намешуд.

Вале ҳаёт ҳаёт аст, дар он ҳар гуна ҳодисаҳои ногуфт рӯй медиҳанд. Ҳирси чизпарастӣ, бадбахтона, ҳанӯз рӯҳия ва фикру омоли як қисм занони моро тарк накардааст.

Албатта, ҳар модар, ки фарзанд дорад, бо ҳазор ният бисоти тӯй андӯхта, орзу ва армон шикастан мехоҳад. Вале баъзан матоъпарастии занон, хусусан дар қишлоқҷойҳо, аз меъёр мегузарад. Ва рӯи матоъ аз рӯи одам гарм, дар назди чиз ҳама чиз ночиз метобад. «Ман ин кардаму вай он» гӯён миёни қудоҳо муросо мегурезад. Оне ки дорост ва бо колои бештар тӯй орост, қудои худро, ки камқудраттар асту бо чизи бештар ҷавоб гардонда натавонист, забонкӯтоҳ кардан мехоҳад. Хархашае, ки миёни онҳост, ба рӯҳия ва зиндагии навхонадорон, албатта, таъсир мекунад ва бисёр мушоҳида шудааст, ки он боиси шикасти рӯзгори онҳо низ бигардад.

Дил хеле таскин меёбад, вақте кас аз тадқиқоти «Мониторинги иҷтимоии соли 2003»-и ЮНИСЕФ ба факту рақамҳое дучор меояд, ки онҳо дар натиҷаи тадбиқи ислоҳоти иқтисодии кишвар аз пешравии корҳо ҳикоят мекунанд. Чунончи, ба даст овардани комёбиҳо дар пешгирии ҳар гуна бемориҳо, ноил шудан ба дараҷаи хуби истеҳсолӣ дар як қатор соҳаҳо, кам гардидани дараҷаи умумии ҷиноятқорӣ ва ҳодисаҳои нангини таваллуди беникоҳ ва ғайраҳо. Бале, нишондиҳандаҳои ҷолиби соҳоти иҷтимоӣ далели дар як қатор ҷабҳаҳо муваффақии халқи соҳибиродаи Ӯзбекистон аст. Вале лозим меояд, ки дар роҳи муяссар гардидан ба тарзи зиндагии боз ҳам солимтар ҳар яки мо бояд ҷоннoктар ҷидду ҷаҳд намоем.

**М.ШОДИЕВ.**

## Ҷамъомади шикастабандҳо

**ТОШКАНД. (Мухбири ЎзА Олим НОРБЕКОВ хабар медиҳад).** ***Дар меҳмонхонаи пойтахт «Dedeman Silk Road» анҷумани VI шикастабандҳои ҷумҳурият кушода шуд. Дар он баробари мутахассисони кишвари мо намояндагон аз Италия, Финляндия ва давлатҳои ИДМ иштирок мекунанд.***

Дар анҷуман махсус қайд гардид, ки ислоҳоти равандии ҳифзи сиҳҳат бомуваффақият идома дорад ва ин ҷараён дар соҳаи шикастаbанд ҳам акси худро меёбад.

Дар анҷуман, ки ду рӯз давом мекунад, мубодилаи афкор оид ба ҳолати имрӯза ва пешомадҳои илми шикастабанди Ӯзбекистон, технологияҳои наве ки дар ин соҳаи ҳифзи сиҳҳат ба кор мераванд ва масъалаҳои вобаста ба расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ҳангоми табобати шикастабандҳо ба амал омаданд.

## Қонуни Асосӣ — пояи саодати мо

***Конститутсияи Ӯзбекистони мустақил кафолатгари комёбиҳо, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, рӯзгори осоишта, боварии халқ ба фардо ва танзимгари қонунҳои мост. Аз ин рӯ, мо бояд Қонуни Асосии мамлакатро хуб донем ва ҳолату моддаҳои онро ба ҳаёт тадбиқ карда тавонем. Дастури сарвари мамлакатамон низ ба ташкили омӯзиши Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон нигаронида шудааст.***

Ба ин маънӣ тарбияи ҳуқуқии насли наврас аҳамияти хосса дорад. Аз ин рӯ ошноӣ бо Конститутсия аз кӯдакистонҳо оғоз меёбад, мактабиён аз китобҳои махсус онро меомӯзанд, дар таълимгоҳҳои олӣ курсҳои махсуси омӯзиши Қонуни Асосӣ ҷорӣ шудааст.

Ташвиқи Конститутсия, шарҳи моддаву ҳолатҳои он дар байни аҳолӣ бо аёниятҳо низ сурат мегирад. Дар ин самт Иттиҳодияи эҷодии ҷумҳурии «Тасвирий оина» корҳои бузургеро ба анҷом мерасонад. Аз ҷумла, дар таълимгоҳҳо ва маҳаллаҳои мамлакат озмун-азназаргузаронии Иттиҳодияи эҷодӣ — «Конститутсия—пояи саодати мост», ки якҷоя бо вазорати таълими халқ, таълими махсуси миёна ва олӣ, адлия ва дигар созмонҳо по ба майдони амал ниҳод, бомуваффақият гузашт.

Озмун мақсад дошт, ки ҷавонон моҳияти Конститутсияро дарк намоянд. Ғолибон дар арафаи рӯзи Конститутсия — 8 декабр маълум мешаванд.

Озмун дар чанд самт гузаронида мешавад: санъати тасвирӣ, ороиши синфхона ва хонаҳои таълимӣ, иншо, фотосурат ва плакатҳо. Дар доираи озмун дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва вилоятҳо Иттиҳодия фотосурат ва плакатҳоеро ба намоиш мегузорад, ки аз аҳамияти Конститутсия нақл мекунанд.

«Тасвирий оина» як силсила плакатҳоро таҳти номи «Дарсҳои Қонуни Асосӣ» нашр намуд ва ба таълимгоҳҳо тақсим кард.

Рамзҳои мамлакати мо дар ин плакатҳо бо сатрҳои шоирона ифода ёфтаанд, ки аҳамияти тарбиявӣ доранд, дар дили мардум аз Ватани ҳуқуқбунёд ҳисси ифтихор меангезанд.

**Назокат УСМОНОВА, хабарнигори ЎзА.**



Порсол дар Хоразм корхонаи якҷояи «Хива - Карпет»-и Ӯзбекистону Олмон ба кор сар карда буд. Алҳол дар корхонаи мазкур садҳо ҷавонон меҳнат мекунанд. Дар ин ҷо ҳар сол то 2 миллион метри мураббаъ гилем ва маҳсулоти қолин тайёр карда мешавад. Он харидорро ҳам дар мамлакат ва ҳам дар бозори ҷаҳон пайдо карда тавонист.

**Дар сурат:** гилемҳои тайёри «Хива - Карпет».

**Суратигр: Р.ҶУМЪАНИЁЗОВ \ЎзА\.**

# Болотар аз абрҳо

**Аз сафарномаи Амрико**

Баъди ду ҳафтаи ба поён расидани сафари пештараам ба Амрико дар ин сарзамин, ҳодисаи нохуштарини таърихӣ ба вуқӯъ пайваст. 11 сентябри соли 2001 фоҷиа содир гардид. Субҳи ин рӯз вақти сар шудани кор мутаассибони динӣ, аз ҷумлаи аъзои ташкилоти байналхалқии террористии «Ал-қоида» ҳавопаймоҳои мусофиркашони пур аз мусофири манотиқи гуногуни Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро, ки сӯи шаҳри «Бизнеси ҷаҳонӣ» роҳ пеш гирифта буданд, зӯран ба даст оварда, бар ивази биҳишт ба бинои аз ҳама зеботару баландтари ноҳияи Манҳэттени Нью-Йорк, дугоник—Маркази тиҷорати ҷаҳонӣ заданд ва онҳоро ба замин яксон карданд. Ин воқеа тамоми аҳли ҷаҳонро ба изтироб овард, маро ҳам. Бо вуҷуди он, ки онҳоро чандин бор дидаам, боз ҳам рӯзе пеш аз бозгашт ба тамошо рафта будам. Он рӯзи 27 августи соли 2001 буд. Аз тамошои Дугоник сер намешудам. Аз зераш дидан душвор, тоқӣ аз сар меафтад. Ҳар бор баъди тамошои он барои худ чизе кашф мекардам. Дафъаи охирин дарк кардам, ки онро ҳар қадар аз дуртар тамошо кунед, ҳамон андоза таассурот бештар мешавад. Албатта, Дугоник аз ҳама баланд нест. Соли 1974 дар Чикаго (амрикоиҳо Шикаго талаффуз мекунанд) бинои аз онҳо ҳам баландтари 462 метра сохта шуда буд. Бо вуҷуди ин Нью-Йорк бо дугоникаш ба шӯҳрати шаҳри дорои биноҳои осмонхароши ҷаҳон соҳиб гаштааст. Аз ин хотир қарор додам ёддоштҳоямро дар бораи Амрико аз осмонхарошҳои он идома диҳам.

То асри Х сохтмони биноҳои баланд қисман ба Аврупо тааллуқ дошта бошад, аксар дар мамолики дигар манотиқи бостонии мутамаддин, махсусан Машриқзамин—Чин, Ҳиндустон, Эрон, Ироқ, Сурия, Миср ва ғайра бунёд гардидаанд. Эҳромҳои Миср 4500 сол боз ҷои зиёрати сайёҳон аст. То ҳол дар он даврони қадимтарини таърихӣ бидуни техникаи пурқудрат сохта шудани эҳромҳои Миср ҷаҳониёнро ба ҳайрат меоварад. То асри XIX ва авохири он ҳам инсоният бисёр иморатҳои хубе эҷод кард. Вале дар охири асри XIX барои бунёди иморатҳои баландтаре имконият фароҳам омад. Амрико дар ин боб намуна мегардид. Мамлакат торафт ғанӣ, иқтидори илмии он меафзуд. Техника инкишоф меёфт. Барои сохтмони биноҳои осмонхарош ҳам маҳз дар Амрико шароити мусоид ба миён меомад. Нақл кашол ёбад ҳам, мехостам аз таърихи бунёди биноҳои баланд чанд мисол оварам.

Дар Фаронса соли 1889 бурҷи Эйфел сохта шуд, ки он қариб 300 метр баландӣ дошт. Вай ба сохтмони иморатҳои осмонхароши тамоми дунё гӯё ибтидо гузошт. Бурҷи Эйфел шӯҳрати Порис, балки тамоми Фаронсаро афзуд. Гарчи Нью-Йорк пойтахти ИМА набуд, ҳамчун маркази тиҷорати ҷаҳон босуръат пеш мерафт, васеъ ва сарватманд мешуд. Дар ин шаҳр аввалин бинои баланд соли 1890 сохта шуд, ки ба 309 фут (беш аз 103 метр) баробар буд. Он дар маркази Нью-Йорк, мавзеи Манҳэттен барпо гардида, Волд Билдинг ном гирифт. Бинои дуюмин ҳам дар ҳамин ҷо бунёд ёфт ва Манҳэттен Лайф номида шуд. Он 348 фут (115 метр) баландӣ дошт. Бинои навбатӣ Парк Ров соли 1899 дар Манҳэттен сохта шуд, ки баландиаш 386 фут буд. Сонӣ соли 1908 Зингер Билдинг (612 фут), Метрополитен Лайф (с. 1909—-700 фут), Вулвоз Билдинг (1913—-792 фут), Манҳэттен Компанӣ (с.1930—927 фут), Крайслер Билдинг (с.1930—1.050 фут), Импайр Стейт Билдинг (с. 1931—1250 фут) бунёд гардиданд. Ҳамаи ин биноҳои осмонхарош дар маҷмӯъ намуди классикии зебо доштанд. Сохтмони иморатҳои баланд дар дигар манотиқи дунё ҳам давом мекард. Аммо боз дар Манҳэттени ИМА танҳо соли 1973 баландтарин бинои дунё Дугоник сохта шуд, ки ба 1368 фут баробар буд. Минбаъд онро Маркази тиҷорати ҷаҳонӣ номиданд. Намуди зоҳирии он ороиши ба худ хос дошта, бештар бинои урёнро мемонд. Баландии ин бинои 110 ошёнаи Дугоник бо бурҷҳои оҳанинаш ба 450 метр мерасид. Соле гузашта боз ҳам дар шаҳри Чикагои ИМА осмонхароши дигаре сар ба фалак кашид, ки 1454 фут қад дошт ва Сийрс Тавер ном гирифт. Вай ҳам бо усули нав, бидуни ороиши зоҳирӣ сохта шуд. Аммо чун атрофашро биноҳои пасттаре иҳота кардаанд, зебу ороиши зоҳирӣ надорад.



Сипас оҳиста-оҳиста анъанаи бунёди биноҳои баланд боз ба машриқзамин баргашт. Аз ҷумла, дар шаҳри Гаосюни Тайван бурҷи 348 метра, бинои бонки 369 метра дар Ҳонконги Чин ва ниҳоят дар пойтахти Малайзия шаҳри Куала-Лумпур биноҳои дугоники Петронес Гауэрз бо иртифои 1483 фут ё худ 452 метр қад кашиданд. Ин назар ба биноҳои баландтарини ИМА зеботар, мустаҳкамтар менамуд. Дар ошёнаи 42 онҳо ба воситаи даҳлези оҳанӣ бо ҳам пайвастаанд. Баландии он, албатта, аз ҳисоби бурҷи тиршаклаш аст. Бинои Чикаго бошад, то охир қобили истифода ва баҳрабардорист.

Доналд Трампро дар Амрико ҳама мешиносанд. Ӯ ҳамчун миллиардери бунёдгари биноҳои машҳури ҷаҳон ном баровардааст. То воқеаҳои 11 сентябр ҳам саргарми бунёди бинои осмонхароши нави 600 метраи 200 ошёна буд. Аксар биноҳои шаҳри Атлантик Ситиро ҳам бо маблағи Трампс сохтаанд. Аз ҷумла қиморхонаи Тоҷмаҳалро бо меҳмонхонааш. Ҳатто ӯ дар ин ҷо ба номи худаш ҳам қиморхонаи ТРАМПС Плазаро сохтааст.

Инак, дар маҷлисгоҳ бинокорон, меъморон бо корпоратсияи Доналд Трампс лоиҳаи биноҳои зиёди осмонхарош, аз ҷумла бинои 200 ошёнаи 600 метраро гарму ҷӯшон муҳокима мекарданд. Ҳамин вақт ҳама якбора ба телевизион таваҷҷӯҳ карданд. Манзараи мудҳиш. Ба дугоники Манҳэттен ҳавопаймо бархӯрд, оташ, таркиш...Баъди чанде дугоник ба замин фурӯ рехт. Телевизион ин манзараро такрор ба такрор намоиш медод. Маҷлисгоҳ дар як дам ба оромгоҳ табдил ёфт. Касе аз ҳозирин қудрати лаб кушодан надошт. Баъди чанде дар маҷлисгоҳ касе намонд, аммо телевизион ҳамон намоиш медоду гӯяндагон гузориш. Оре, супоришгар, лоиҳакаш, бинокор—шарикон ҳама хомӯш маҷлисгоҳи Бюрои лоиҳакашии Скаймор, Овингс энд Мирилеро тарк карда буданд. Хомӯшӣ ду ҳафта давом карда, ибтидои ҳафтаи сеюм ба Бюрои лоиҳакашӣ аз Трамп занг заданд: «Мӯҳлати сохтмон ба таъхир андохта мешавад!» Оре, вақти талош нест. На танҳо ИМА, тамоми аҳли башар ба муносибати марги бемаҳали ҳазорон бегуноҳон ва ҳалокати шоҳкории охири асри XX андӯҳгин буданд.

Дере нагузашта дар радио, телевизион ва дигар расонаҳои ахбор мубоҳиса оғоз ёфт. Як қисм одамон мегуфтанд, ки ба сохтани чунин осмонхарошҳо ҳоҷате нест. Замин бисёр, бино сохтан мумкин. Қисми дигар мегуфтанд, ки баръакс дар шаҳрҳои калон осмонхарошҳо хубанд. Дар онҳо марказҳои калони илмӣ, таълимӣ, тиҷоратиро, билохира бисёр сокинонро ҷой додан мумкин. Оқибат охирин ғолиб баромаданд. Баръакс, биноҳои боз ҳам баландтар сохтан лозим, мегуфтанд онҳо. Одамон бо абрҳо гуфтугӯ мекунанд, дар осмони ҳафтум зиндагӣ мекунанд. Вақте террор аз байн меравад, ҷаҳонбинии одамон тағйир меёбад.

Ҳокимияти шаҳри Нью-Йорк бо мақсади азнавсозии Маркази Тиҷорати Ҷаҳон оҷонсии Левер Манҳэттен Девелопмент Корпорейшнро созмон дод. Он барои лоиҳаи беҳтарин озмун эълон кард. Дар он бисёр студияҳои лоиҳакашӣ ширкат варзида, студияҳои Даниэл Лайбскинди Берлин ва Тинки Нью-Йорк ғолиб баромаданд. То ба ҳол бинои оинабандии Даниэл Лайбскинд ба асос гирифта шудааст. Ин осмонхарош аз ду қисм иборат буда, яке пасттару дигаре баландтар аст. Бурҷи тиршакли он аз пештара ҳам баландтар мешавад ва ба нуқтаи 1776 фут аз сатҳи замин мерасад. Бунёди дугоники оинабандиро то солҳои 2007-2008 анҷом доданианд.

Имрӯз дар сохтмони осмонхарошҳо фӯлоди нозуки сабук, вале бениҳоят мустаҳкам истифода мешавад. Бо ин масолеҳ устухонбандии бино печонда мешавад. Кранҳои борбардор ҳам ба худ хосанд. Онҳо баробари иморат боло рафтан мегиранд. Аммо ин кранҳо баъди 800 метр хатар доранд. Алҳол дар сохтмони осмонхарошҳо гурӯҳи нави меъморон пайдо шудаанд, ки аз омилҳои табиӣ истифода мебаранд. Онҳо мӯътақиданд, ки масъалаи кранҳои борбардорро ҳам бо равияи табиии меъморӣ ҳаллу фасл кардан мумкин аст. Ин равияро дар илми меъморӣ «бионика» меноманд. Асосгузорони компанияи Мария-Роза-Сервера ва Хавёр Пиос ният доранд, ки дар Чин осмонхароши 1228 метраи 300 ошёнаро бисозанд. Майдони умумӣ 2 миллион метри мураббаъро ташкил медиҳад. Ин, албатта, лоиҳаи афсонавии чашмнадидаю гӯшнашунида аст. Муаллифони он маҳз пайравони бионика мебошанд. Ба фикри онҳо технологияи сохтани чунин иншоотҳоро худи табиат нишон медиҳад. Масалан, таҳкурсии иморатро ба сони решаи дарахт сохтаниаанд, ки ин устувории онро меафзояд ва ба табиат тақлид мешавад. Аз зоҳир осмонхарош бо масолеҳе печонда мешавад, ки бодро аз худ мегузаронад ва муқовимати шамолро коҳиш медиҳад. Осмонхарош аз 12 маҳалла ё гузар (квартал) ташкил ёфта, онҳо бо ҳамдигар пайваст мешаванд. Дар байни маҳаллаҳо боғҳо барпо намуда, кӯлҳои сунъӣ сохтаниаанд. Ин бино ба зилзилаю оташ ҳам тобовар буда, аз ин офатҳо «наметарсад». Дар он 100.000 одам зиндагӣ мекунанд. Бӯрёкӯбӣ аз ошёнаҳои нахустин оғоз ёфта, дар рафти сохтмон то ба итмом расиданаш идома мекунад. Яъне ҳамин, ки ошёнаҳои нахустин сохта шуданд, одамон кӯчида даромадан мегиранд.

Корпоратсияи Сервере энд Пиос лоиҳаи худро, ки 14 миллиард доллар қимат дорад, ба ҳукумати Чин пешниҳод намуд. Чаро ба Чин? Аз ин ва дигар мисолҳои овардашуда мебинем, ки сохтмони биноҳои аз ҳад баланд на танҳо бартарии мамолики тараққикардаи Ғарб аст, он боз ба кишварҳои Шарқ бармегардад. Дар дигар мамолик ҳам лоиҳаҳои яке аз дигаре ҷолибтар пешниҳод карда мешаванд. Ҳамон ширкати зикрёфтаи Скиндмор Овингс энд Мирилл лоиҳаи осмонхароши сӯзаншакли 126 ошёнаеро пешниҳод намуд, ки баландиаш 679 метр буда, онро дар ҷои сернуфустарини Маскав—Сити сохтаниаанд. Дар Ҷопон, аллакай лоиҳаҳои биноҳои Супер Пирамида ва Скай Сити, ки баландиаш 1000 метр мешавад ва осмонхарошҳои Аэрополис ва Три бо баландии дуҷанд, яъне 2000 метр кайҳо таҳия гардидаанд. Ва ниҳоят ширкати ҷопонии Тайсей корпорейшн эҳроми 800 ошёнаи Х-Сиидро пешниҳод менамояд, ки баландиаш ба 4000 метр хоҳад расид. Лоиҳаҳои биноҳои аз ин баландтар то ҳол вуҷуд надоранд. Агар абрҳои боронӣ дар баландии 700-1000 метр пайдо шаванд, сокинони ояндаи осмонхарошҳои минбаъда на ҳама вақт боришҳоро мебинанд ва дар болои абрҳо бо нурҳои офтоб «мусоҳиб» мешаванд.

**Юсуфи ПОНҒОЗӢ.**

НЮ-ЙОРК.



## Ҷанговарони «Ал-қоида» ҳабс гардиданд

***Панҷ нафар аз ҷанговарони «Ал-қоида» дар рӯзҳои охир дар ҳудуди Исроил ҳабс гардиданд, хабар медиҳад шабакаи телевизионии хусусии Исроил «Канал 10».***

Тибқи ин маълумот яке аз фаъолони ин ташкилот, ки онро Усом бин Лоден сарпарастӣ мекунад, дар охири ҳафтаи гузашта ҳангоми гузаштан аз сарҳади Урдун ба даст афтод. Пас аз чанд рӯзи дигар боз чор нафар ҳаммаслакони ӯ дастгир шуданд. Дар хусуси миллат ва шаҳрвандии онҳо ҳанӯз чизе гуфта нашудааст.

Дар аввали соли ҷорӣ, ёдрас мекунад телеканал, намояндаи роҳбарияти ҳарбии Исроил хабар дода буд, ки хизматҳои махсуси мамлакат дар бораи кӯшишҳои «Ал-қоида» дар бораи ташкил намудани гурӯҳҳои террористии худ дар ҳудуди Фаластин маълумоте дар даст доранд.

Ҳамзамон сарчашмаҳои фаластинӣ ва лубнонӣ ин хабарро инкор менамоянд, таъкид мекунад телеканал.

## Анҷуман оид ба Каспий

***Дар Маскав аз 2 то 5 декабр Анҷумани ҳуқуқи байналмилалӣ ва Вазорати корҳои хориҷии Русия конфронси байналмилалиеро оид ба проблемаҳои Каспий, баҳри Азов, гулӯгоҳи Керч, киштиронӣ дар партави мавзӯъҳои охир ва таҳдидҳо баргузор менамоянд.***

Тавре ки РИА «Новости» хабар медиҳад, дар анҷуман мутахассисон аз Русия, ИМА, Британияи Кабир, Фаронса, Украина, Озарбойҷон, Қазоқистон ва дигар кишварҳо, ҳамчунин намояндагони Трибунали байналмилалии СММ оид ба ҳуқуқи баҳр иштирок менамоянд.

Дар байни масъалаҳое, ки ба муҳокима гузошта шудаанд, мавзӯи терроризм низ мавҷуд мебошад. Дар ин мавзӯъ ташаббуси ИМА дар бораи «таслим» дар баҳр низ аҷиб мебошад.

## Ҳайати ИМА ба Гурҷистон мешитобад

***Ҳайати ҳукуматии ИМА зери сарпарастии муовини ёвари котиби давлатии ИМА Лин Паско аз 3 то 6 декабри соли ҷорӣ ба Гурҷистон сафар мекунад.***

Дар ин хусус ба оҷонсии «Новости» дар департаменти давлатии ИМА хабар доданд.

Дар ин маълумот омадааст, ки дар ин ҳайати Паско намояндагони шӯрои миллии бехатарии назди президенти ИМА, вазорати хориҷӣ, Пентагон, вазоратҳои молия ва адлия ва ЮСАИД ҳастанд.

Дар хусуси ин сафари ҳайати амрикоӣ ҳафтаи гузашта вакили расмии вазорати корҳои хориҷии ИМА Ричард Баучер хабар дод.

Бино ба суханони Баучер мақсади ин сафар кӯмак ба ҳукумати нави Гурҷистон дар омодагӣ ба интихоботи нав мебошад.



Дар назди мактаби миёнаи рақами 10 ба номи Абулқосим Фирдавсии ноҳияи Сайҳунобод дастаи ҳаваскорони санъат амал мекунад. Даста ба тадбирҳои ҷашнии мактаб ҳамеша шукӯҳи тоза мебахшад.

**Дар акс:** гурӯҳи духтарон ба барномаи нави консертӣ омодагӣ мегиранд.

**Аксбардор: Р.АКБАРАЛИЕВ.**

### Дар арзҳои дӯстӣ

# «Расми хуби тоҷиконро гум макун»

Мактабиёни Исфараю Сӯх дер боз ҳамдигарро мешиносанду аз ҳоли ҳамдигар бохабаранд. Таронаи дӯстии омӯзгорону наврасони ин ду ноҳияи Тоҷикистону Ӯзбекистон дар ҳавои истиқлол баландтар танин дораду форамтар ба гӯш мерасад. Меҳр дар ҷашм мегӯянд. Омӯзгорон ва наврасони Сӯх боз азми дидани дидори дӯстони ҷонӣ карданд. Меҳри исфарагиён сӯхиёнро аз лаби дарёи Сӯх ба канори рӯди шӯхоби Исфара хонд. Сӯхиёнро дар сарҳади давлати Тоҷикистон бо садои таблу карнай ва нону намак мизбонон хеле хуш пазироӣ карданд. Сипас корвони дӯстӣ дар даромадгоҳи литсейи рақами якум таваққуф намуд. Аз карнаи радиои мактаб шеъри шоири шаҳир Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода:

**Дӯст ояд гарм дар**
**оғӯш гир,**
**Расми хуби**
**тоҷиконро гум макун.**

хеле ҷаззобу таъсирбахш ба гӯшҳо мерасид. Сипас, намояндагони Сӯх дар чанд лаҳзаҳои дарсҳои шавқовару пурмазмун ширкат доштанд. Онҳо ба мизбонон дар атрофи масъалаҳои таълим гуфтушунид карданд.

Корвони мошинҳои сабукрав аз роҳи мумфарш ба роҳи боғоту саҳрои зумрадгун тоб хӯрд. Дар сари як пиёла чой сӯҳбати дӯстон қаймоқ баст. Ҳоҷӣ, пири хирадманд, зодаи Сӯху шаҳрванди Исфара Сайфиддин Икромов чунин гуфтанд:

— Исфараю Сӯх аз қадим ҳамрозу ҳамнафас ҳастанд. Хуш аст, ки ошноии деринаи гузаштагонро имрӯзиён, алалхусус, наврасон идома медиҳанд. Дар ниҳоди наврасон талқини чунин ғоя самараи хуб хоҳад дод.

Корманди масъули ҳокимияти шаҳри Исфара Гулчеҳра Маликова сухани ҳоҷибоборо тақвият дод.

Ҷонишини ҳокими ноҳияи Сӯх Саҳобиддин Нарзиддинов барои пазироии хуш арзи сипос кард. Адиби хушсалиқаи Сӯх Ҷумъаи Ҷамол бо шеърҳои тару тоза ба давра шукӯҳи хоса бахшид.

Корвони дӯстӣ ба шаҳри зебои Исфара рӯ ниҳод.

Сӯхиёнро толибилмони гимназияи рақами 4 истиқбол гирифтанд. Директори гимназия, зани бомаърифат Олиябону Ғаниева ҳамагонро хайра мақдам гуфта, оиди гимназияе, ки дар он мусиқии Шарқу Ғарб омӯзонида мешавад, маълумот дод. Баъд меҳмононро бо гурӯҳҳо ҷудо карда, ба синфхонаҳо даровarданд, ки он ҷо савту сурудҳои тоҷикӣ танин меандохтанд.

Дар шафати гимназияи мусиқӣ, гимназияи рақами шашум ҷой гирифтааст. Сӯхиён ба он низ ташриф фармуданд. Омӯзгори варзидаи Сӯх Саврор Эрназаров аз мудири шӯъбаи таълими шаҳри Исфара Ҳайдархӯҷа Тӯхтаев аз хусуси омӯзгори машҳур Абдулҳафизи исфарагӣ пурсон шуд. Тӯхтаев бо нимтабассум гуфт:

—Шунидан кай бувад монанди дидан,— мегӯянд. — Мо ҳоло ба даргоҳе мекравем, ки шахсан Абдулҳафиз Азизов шуморо истиқбол мегиранд.

Дар ҳақиқат, дар қатори омӯзгорону хонандагон марди чорпаҳлӯи баландқомат, ки чеҳраи гандумиаш шинос буд, меҳмононро «хуш омадед!» мегуфт. Ин кас, директори гимназияи рақами 6 Абдулҳафиз Азизов буданд. Номи ӯ сар то сари собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ машҳур буд. Ӯро омӯзгорону хонандагон дар ҳамон солҳо ҳамчун химики навовар мешинохтанд. Оиди ҳаёти ин омӯзгори наҷиб борҳо рӯзномаю маҷаллаҳои марказӣ мақолаҳои дилчасп интишор карда буданд. Инак, сӯхиён дар сӯҳбати омӯзгори машҳур.

—Шумоёнро бори дигар «хуш омадед, азизонам!» мегӯям,—гуфт Абдулҳафиз. Дар чанд лаҳза бо ҷашмони худ дидед, ки тамоми шароит барои омӯзгорону шогирдони мо муҳайёст. Ҳатто шогирдонамон имконият доранд, ки ба воситаи оинаи нилгун бевосита аз барномаҳои таълимии шаҳри Маскав бархурдор гардиданд. Ҳамин шароити хуб имконият медиҳад, ки онҳо соҳиби дониши хуб гарданд.

Муаллими шоистаи Ӯзбекистон С. Эрназаров аз номи тамоми сӯхиён сухан гуфт:

—Имрӯз, мо хушбахтем, ки орзуямон ба рӯи об баромад. Ҳамеша умед мекардем, ки бо Абдулҳафизака вохӯрем. Аз сӯҳбаташон баҳра барем. Хушбахтона, ба ин ният расидем. Ба Абдулҳафиз Азизов ва ба ҳамаи омӯзгорону шогирдони ин даргоҳ барор мехоҳем.

**Нодир НОДИРӢ,**
**ноҳияи Сӯх.**

# «Гар донаро мағзе бувад...»



***Эркин Муқимов зодаи деҳаи ободи Пасурхии ноҳияи Бойсун аст. Чандест, ки шеър мегӯяд. Шеърҳояш дар матбуоти даврии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон—«Садои Сурхон», «Овози тоҷик» ба табъ расидаанд. Вожаи «шоҳид» дар луғат ба маъниҳои: 1. Он ки воқеаро бо ҷашми худ дидааст, гувоҳ, шаҳодатдиҳанда. 2. Ҳозир, дар ҳузур буда. 3. Ҷавони хушрӯй, маҳбуб ё маҳбуба омадааст. Эркин ин вожаи зеборо ба худ ҳамчун тахаллус интихоб намудааст. Онро метавон ба маънии солики дар ҳузури ёр буда низ тафсир кард.***

Муҷиби шодмонист,ки ба наздикӣ дафтари аввали шеърҳояш таҳти номи «Ошӯби харобот» аз тариқи нашриёти «Минҳоҷ»-и пойтахт ба дасти чоп расид. Муқоваи китоб зебову ранга буда, номи ҷолиб дорад. Теъдоди нашраш 2000 нусха аст. Ба китоб номзади илмҳои филологӣ, узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон, ҷонишини роҳбари маркази «Маънавият ва маърифат»-и ҷумҳурӣ, адабиётшинос Султонмурод Олимов пешсухан навиштааст.

Шоҳид шеъри суннатӣ мегӯяд. Китоби ӯ беш аз 50 ғазал, 2 мухаммас ва 12 рубоиву дубайтиро дар бар гирифтааст.

Пас аз мутолиаи китоб хонанда бо Султонмурод Олимов ҳамназар мегардад, ки гуфтааст: «Ҳангоми хондани чакидаҳои шоир амин мегардед, ки Ҳукумати Шӯравӣ садди роҳи ҷӯшу хурӯши сӯфиёнаи мардуми мо гаштааст. Зеро дар шеърҳои Шоҳид боз тасаввуфро мебинем. Ғояи тасаввуф—васфи инсони комил аст ва Шоҳид дар шеърҳояш инсони комилро тараннум менамояд».

Шоҳид маърифати қуръонӣ дорад, ба шеърҳояш наметавон аз ҷиҳати вазну қофия, радиф ва ва дигар қавоиди шеър эрод гирифт. Санъати ғазалгӯиро нек аз бар кардааст. Абёташ мисли байтҳои шоирони қадим мусаҷҷаъ (қофиядор) сурат мегиранд. Талмеҳро фаровон истифода мекунад. Дар шеър ишора кардани шоир ба қисса, ҳодиса ё масали маъруфе санъати талмеҳ номида мешавад.

Мисол:

**Айюб биёмӯхт зи мо сабру қаноат,**
**Юсуфи чаҳи дашти ано Ҷаъфару моем.**
**Бар қавми ҷафопешаи Лут шамъи вафо ку?**
**Бар аҳли вафо шамъи вафо Ҷаъфару моем.**

Ин абёт иқтибос аз ғазали ба Ҷаъфари Муҳаммад бахшидаи ӯст. Ҷаъфари Муҳаммад низ шоири ба тасаввуф гаравидаест. Аммо домани ирфони Ҷаъфар густардатар ва ифодаҳояш тозатар ба назар мерасанд.

Сӯфӣ инсони босабру тоқат, қаноатпеша, толиби висоли Ҳақ аст ва дар ҷодаи поксозии дилу рӯҳи хеш ранҷу раёзат мекашад.

Айюб инсонест дар сабру қаноат мӯътариф. Юсуф номи писари Яъқуб пайғомбар аст, ки дар зебоӣ машҳур буд. Бародаронаш ӯро бар асари рашк ба чоҳ меафкананд ва ба падар мерасонанд, ки Юсуфро дар роҳи сафар гург хӯрд. Бо мурури вақт ҳақиқат ошкор мешавад, Юсуфи азияткашида ба висоли маъшуқа ва дидори падар мерасад. Шоҳид ба байти аввал ба қиссаи Юсуф ва Айюб ишора кардааст. Гуфтанист, ки мову Ҷаъфар соликони роҳи тариқат ҳастем, Айюб дар ин роҳ сабру қаноатро аз мо биомӯхт, мо Юсуфи чоҳи дашти ранҷу аноем, ки оқибат ба висоли Ҳақ хоҳем расид.

Лут номи яке аз пайғомбарони Банӣ Исроил аст, ки гӯё қавми ӯ бисёр бадкор буд ва худо шаҳри онҳоро чаппагардон кард ва ба сари боқимондагонашон сангу оташ рехт.

Гӯянда дар байти дуюм гуфтан мехоҳад, ки мо мисли қавми Лут аҳдшикан нестем, дар роҳи аҳли вафо мисли шамъ месӯзем.

Бояд шоири муосир ба ашёву ҳаводис назари худро дошта бошад. Вожаву ибораҳои зоҳид, зӯҳд, лаъли лаби хандон, дилбари ҷон, далқ, оташи Мӯсо, рухатро гар қамар гуфтам, шаҳиди Карбало, ишқи парирӯ, фардои қиёмат, сарви равон, зулфи тасалсул, султони харобот, тани бисмил, дашти ано, ҷуръакаши ёр, хоки дари майхона, фосиқи зоҳиднамо, оби ҳайвон, гесӯи мушкин, макри ҷонон, эй сабо аз мо расон, бодаи лаъл, закот, тиру пайкон, мани дилхаставу афтон ва ҳоказо дар ғазалҳои Шоҳид обшуста ба назар мерасанд.

Таҷрибаҳо собит намудаанд, ки дар қолабҳои кӯҳна низ сухани нав метавон гуфт.

Боре аз ҳофизе суол карданд: «Чаро садои туро аз садои фалон ҳофиз фарқ наметавон кард?»

Гуфт: «Худ намедонам садоям табиатан ба садои ӯ монанд мешавад».

Воқеан агар сурати ҳофизонро набинед, фарқ карда наметавонед, ки фалонӣ месарояд ё ӯ. Вале ин хел намешавад, ки кас надонад чаро садояш ба садои дигарон монанд аст. Ин ҳолро санъаткороне собит менамоянд, ки дар саҳна барои ба ҳайрат андохтани тамошобин ба садои чанд овозхон тақлид мекунанд.

### Китобиёт

На ҳар шеъри чорсатра рубоӣ шуда метавонад. Дар фасли «Рубоӣ ва дубайтиҳо» пораҳои маънидоре ба назар мерасанд, ки ба талаби қоидаҳои рубоӣ ҷавоб намедиҳанд. Беҳтар буд, ки фасл «қатраҳо» номида мешуд.

Мисол:

**Афъигазида умре аз ресмон гурезад,**
**Дар зери боммонда аз остон гурезад.**
**Шайтон гурезад аз мо, илло,**
**ки ҳеҷ аҷаб нест,**
**Нор аз замини хокӣ бар осмон гурезад.**

***

**Ман бандаи Шайтонаму муслими шаётин,**
**Ман мӯъмини Шайтонаму таслими**
**шаётин.**
**Дар равзаи ризвон чу маро роҳ надоданд,**
**Дар хизмати шайтонаму таъзими шаётин.**

Шоҳид дар гуфтани ғазал ба дунболи Ҷалолиддини Румӣ меравад. Умед ва боварӣ ҳаст, ки рӯзе дасташро аз домани ӯ раҳо мекунад ва дар ҷодаи сухан гомҳои устувор мегузорад, яъне ба сухан дар баробари дастору қабо, кафшу маҳсӣ, шиму кастум ва туфлӣ... низ мепӯшонад.

Нашри китоби Шоҳид на танҳо дар рӯзгори худи ӯ як воқеаи муҳим, балки дар ҳаёти фарҳангии тоҷикони ҷумҳурият низ ҳодисаи масарратбахш аст. Мо бо ин комёбӣ ӯ ва мухлисонашро табрик мегӯем.

Ва чанд иқтибос аз шоирон ва олимони адбиётшинос дар бораи шеър ва шоирӣ меоварем, ки барои ҳамагон ибратпазиранд:

*«Агар Ҳофиз қомати ёри худро чун «сарв» дида, зеботарин чизе, ки дар перомунаш вуҷуд дошта «сарв» будааст, вале агар дар замони мо касе биёяд ва ҳамин ташбеҳро бигирад ва дар «шеъри» худ ба кор барад, ӯ дигар шоир нест, балки мутақаллид аст ва кори ӯ шабеҳи шеър аст ва ҷузъи аносири такрорист ва аносири такрориро дар таърихи адабиёти асил наметавон шинохт».*

**Абӯалии Дастғайб.**

***

*Агар сухан ба дил аз гӯш бештар нарасад,*
*Яқин шинос, ки аз норасоии сухан аст.*

**Соиб.**

***

*«Шеър — табиатест сонӣ дар муқобли табиати нахустин. Шоир мекӯшад табиате биофарад, ки мисли табиати воқеӣ дорои абадияте бошад...»*

**Ризо Бароҳанӣ.**

«Ҳунари шоири бузург дар ин аст, ки вақоеи хусусӣ ва ҳаводиси умумии зиндагӣ ва рӯзгори худро чунон баён кунад, ки ҳама кас худро дар он саҳиму дахил бидонад».

***

Шеър бояд ҳамчун «оина»-е дар муқобили «офтоби замон»-и худ қарор гирад, то инъикоси нурро ба «уфуқи оянда» бифиристад.

**Нодир Нодирпур.**

Инак, чанд намуна аз китоби тозанашри шоир:

## Ду ғазал

**Гар донаро мағзе бувад,**
**чун мо ба боло мешавад,**
**Бошад гуҳар андар садаф рӯзе**
**ба дарё мешавад.**
**Гар зарра дорад ҳиммате**
**дар қалби оташ меравад,**
**Ҳар хок агар азме кунад,**
**лӯълӯи лоло мешавад,**
**Дар тан надӯзад то кафан**
**бигзашта аз ҷон кирми раз,**
**Бо ҷисми оташбори гул кай**
**чатри воло мешавад?**
**Ҳар зол барно мешавад**
**бо ғайрату арзу ниёз,**
**Аз ҳиммату саъю амал ҳар**
**нутфа Яҳё мешавад.**

***

**То ту нашавӣ пайдо,**
**пайдо нашавад ин дил,**
**То ту нашавӣ шайдо,**
**шайдо нашавад ин дил.**
**То ту надиҳӣ обе аз лаъли гуҳарборат,**
**Бо ин ҳама туғёнаш дарё нашавад ин дил.**
**То кабки дарӣ н-ояд андар чаманаш поён,**
**Чун бошаю чун лочин боло**
**нашавад ин дил.**
**Як дам назанад ҷавлон дар олами рӯҳонӣ,**
**Дар ин қафаси суғро кубро**
**нашавад ин дил.**
**Аз теға Сикандар шуд машҳури ҷаҳон Доро,**
**Бе теғи нигоҳи ту доро нашавад ин дил,**
**Моро Зуҳал аз Кайвон н-орад хабари рӯят,**
**Андар фалаки солис Зӯҳро**
**нашавад ин дил.**

## Дубайтиҳо

**Азозило, чаро аз ман гурезӣ,**
**Самандартинат, аз гулхан гурезӣ.**
**Туро дар мағзи ҷонам ҷо намудам,**
**Аё ҷонам, чаро аз тан гурезӣ.**

***

**Накардам раҳму Раҳмон офаридам,**
**Накуштам нафсу ғилмон офаридам.**
**Гунаҳҳоям чу бар дӯшам гарон гашт,**
**Ба сад найранг Шайтон офаридам.**

**Абдулло СУБҲОН,**
**масъули бахши адабиёт ва ҳунар.**

### Ганҷи ороста

# «Тӯҳфат-ул-мулук»

***Таълифоти Абдуллоҳи Ансорӣ (1005/6-1088) ба забони форсии дарӣ ва арабӣ дар мамолики Шарқи Наздику Миёна чун: Афғонистон, Сурия, Миср, Туркия машҳуру маъруф гаштааст. Дар Осиёи Миёна Абдуллоҳи Ансорӣ ба сифати яке аз адибон ва донишмандони мӯътабар шинохта шудааст. Мероси гаронмояи адабӣ, илмӣ ва фалсафии ӯ, ки саршор аз ғояҳои инсондӯстист, меъёрҳои олии ахлоқӣ, ҳамчун поквиҷдонӣ, ҳақиқатпарастӣ, шикастанафсӣ, тамаъ надоштан, муборизи зидди ноадолатӣ ва тааддиро тарғиб мекунанд.***

***Абдуллоҳи Ансорӣ рисолаи пурарзише таълиф кардааст, ки он таҳти унвонҳои «Тӯҳфат-ул-вузаро», «Тӯҳфат-ул-салотин», «Тӯҳфат-ул-мулук» машҳур аст. Аммо онро аз рӯи таркиби бобҳояш «Чиҳил боб» низ мегуфтанд. Ин рисола ҳаҷман хурд бошад ҳам, ба мусаннифаш шӯҳрати ҷаҳонӣ эҳдо кардааст. Ин рисолаи Ансорӣ қомуси хурдҳаҷм, вале гаронбаҳоест, ки дурдонаҳои панду насоеҳи ахлоқиро дар бар кардааст.***

***Рисола аз сарсухани хурде ва чиҳил боб, яъне чиҳил панди ба шакли насри мусаҷҷаъ таснифёфта иборат аст.***

***Матни рисола, сохти таркибии он ба асоси рақами «чаҳор» аст ва ин ҳаргиз тасодуфӣ намебошад.***

***Дар Юнон ва бисёр кишварҳои Шарқи бостон амсоли Бобулистон, Эрон, Ҳиндустон рақами «чаҳор» аломат ва рамзи тамаддунӣ дошт ва чаҳор рукни ҳастӣ, чаҳор унсур (об, хок, оташ, бод)-ро чаҳор ҷониби олам—шимол, ҷануб, шарқ, ғарбро, чаҳор фасли солро, чаҳор давраи умри инсон— тифлӣ, ҷавонӣ, баркамолӣ, пирӣ ва ғайраро ифода мекард.***

Хусусияти барҷастаи ин рисола тарзи баёни соддаву равон ва мӯъҷазии он мебошад.

Алҳамдуллоҳи раббил оламина ва салавота ала Муҳаммадин ва олиҳи аҷмаъин. Аммо баъд ин рисола муштамил аст бар он, ки ҳукамо аз кутуби қудамо ихтиёр кардаанд ва фавоиди бисёр дар замни ҳар ҳарфе марқум (қайдшуда) мешавад, аз ҳар рамзе канзе ва аз ҳар (ганҷ, хазина) ишорате мустафот аст. Яқин, ки чун саодатманд аз ин панди дилбанд баҳраманд гардад, мутмассиф ба одати писандида, ки шиори арбоби дину давлат аст, шавад риҷо восиқ, ки ба саодати ду ҷаҳонӣ восил гардад.

Ин рисоларо ҳукамои ҳиндуён, Чину Эрону Рум аз китобҳои мақбара ҷамъ ва бар маҳаки таҷриба ба кор бурда, мусаммо аст ба «Тӯҳфат-ул-мулук» ва абвоми ин муштамил аст ба чиҳил боб ва ба ҳар боб чаҳор насиҳат ва ҳар кӣ омил шавад, ӯро файласуф ва қобилу оқили рӯзгори худ гӯянд ва биллоҳ—ит—тавфиқ.

**Боби аввал** дар он, ки чаҳор чиз подшоҳиро нигоҳ дорад: риоят ва муҳофизати дин, вазири эймани (бехавф, муҳофиз) ботамкин, нигоҳ доштани азм, нигоҳ доштани ҳазм.

**Боби дуюм** дар он, ки чаҳор чиз натавон кард, илло ба чаҳор чиз: подшоҳӣ натавон кард, илло ба адл, душман ҳалок натавон кард, илло ба дӯстӣ, муҳаббат натавон фузуд, илло ба тавозӯъ, (хоксорӣ), ба мурод натавон расид, илло ба сабр.

**Боби сеюм** дар он, ки чаҳор чизро аз чаҳор чиз чора нест: подшоҳиро аз сиёсат, вазирро аз амонат, лашкарро аз тарбият, раъиятро аз риоят.

**Боби чаҳорум** дар он, ки чаҳор чизро ба чаҳор чиз ҳоҷат аст: салотинро ба вазирони босалоҳ, далеронро ба силоҳ, асбро бо тозиёна, теғро бо қабза.

**Боби панҷум** дар он, ки чаҳор чизро вирд бояд сохт: дӯст ба даст овардан, ба ҳама кас накӯӣ кардан, дар ободонӣ кӯшидан, ба халқи худой бахшидан.

**Боби шашум** дар он, ки чаҳор чиз набояд кард, то тахассур набояд хӯрд: руҷӯи корҳо ба носазоён, накӯӣ ба нокасон, дар корҳо таъҷил, фисқу фуҷур ва исён.

**Боби ҳафтум** дар он, ки чаҳор чиз ба ҳама халқ на зебост: ҳиқду (кина, буғз) ҳасад, кибру нахват (такаббур), хашму ғазаб, касолату (сустӣ,танбалӣ), бенамозӣ.

**Боби ҳаштум** дар он, ки чаҳор чиз ба ҳама халқ некӯст; адолат ва ростӣ, илм ва хирад, сабр ва сукун, ҳаё ва шарм.

**Боби нӯҳум** дар он, ки чаҳор чиз офати султон аст: ғафлати амирон, хиёнати вазирон, густохии ҳақирон, ҳасади бадназарон.

**Боби даҳум** дар он, ки бо чаҳор кас мадоро бояд кард: бо салотини ситамкор, бо мардуми бемор, бо тоифаи ноҳушёр, бо ёри некӯкор.

**Боби ёздаҳум** дар он, ки чаҳор чиз мӯҷиби суботи салтанат аст: адолат ва шуҷоат, мурувват ва футувват, (ҷавонмардӣ), саховат ва атият (карам,ҳадя), марҳамат ва шафқат.

**Боби дувоздаҳум** дар он, ки чаҳор чиз мӯҷиби некбахтист: асли пок, дили пок, дасти пок, раъйи мустақим ва табъи солим.

**Боби сездаҳум** дар он, ки чаҳор чиз мӯҷиби ҷамъият аст: амну истиқомат ва неъмату фароғат.

**Боби чаҳордаҳум** дар он, ки чаҳор чиз мӯҷиби давлат аст: фаризадонӣ(вазифаи ҳатмӣ),таъйиди (ёрмандӣ) осмонӣ, имоми баргузида, аҳкоми писандида.

**Боби понздаҳум** дар он, ки чаҳор чиз нишони бадбахтист: коҳилӣ ва ҷоҳилӣ, нокасӣ ва бекасӣ.

**Боби шонздаҳум** дар он, ки риояти чаҳор чиз шарт аст ба ҳама кас: тоат, насиҳат, шафоқат, амонат.

**Боби ҳафтдаҳум** дар он, ки чаҳор чиз сабаби шодмонист: навохти султон, дуои зоҳидон, санои бузургон, дидани дӯстон.

**Боби ҳаждаҳум** дар он, ки чаҳор чиз аст, ки бад- он мағрур набояд шуд: тақарруби (наздикӣ) султон, зӯҳди шайёдон (маккор, фиребгар), насиҳати ҳосидон, дӯстии занон.

**Боби нуздаҳум** дар он, ки чаҳор чиз корҳоро тамом кунад: пайвастан бо бузургон, тафаккур дар достон, тадбири ростон, шунидани ҳадиси дӯстон:

**Боби бистум** дар он, ки чаҳор чиз далели аблаҳист: хештанбинӣ ва такаббур, айби дигарон ҷустан, бахилӣ кардан, аз сифла умед доштан.

**Боби бисту якум** дар он, ки чаҳор чиз далели саодат аст: қавлу аҳди дуруст, тавозӯъ дар ҳама ҳол, саъй дар касби ҳалол, нигаҳ доштани роз.

**Боби бисту дуюм** дар он, ки чаҳор чиз далели шақоват (бадбахтӣ, сахтӣ) аст: сӯҳбат доштан бо ҷоҳилон, дӯстӣ кардан бо бадон, насиҳат шунидан аз фузулон (сафсатагӯй), амал намудан ба қавли занон.

**Боби бисту сеюм** дар он, ки аз чаҳор чиз эҳтироз (парҳез) бояд кард: аз шитобу таъҷил, аз хашму ғазаб, аз бухлу имсок, аз уҷбу (ғурур) такаббур.

**Боби бисту чаҳорум** дар он, ки чаҳор чиз мӯҷиби фалокат аст: ҳайсу (ваъдахилофӣ) ғайбат кардан, ҳасад ва қабоҳат намудан, такаббур ва нахват, тамаъ ва шаҳват.

**Боби бисту панҷум** дар он, ки чаҳор чиз мӯҷиби тараққӣ ва сарват аст: бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро, тарки ҳавову орзуҳо, таҳаммул ва сабр дар қазоё (пешомад, сарнавишт, ҳукм).

**Боби бисту шашум** дар он, ки чаҳор чизро тағйир мумкин нест: гардонидан қазову қадарро, ботил кардан ҳақро, некӯ кардан бадхӯро, хушнуд кардан халқро.

**Боби бисту ҳафтум** дар он, ки чаҳор чиз хурд намояду бузург аст: душман, оташ, беморӣ, дониш.

**Боби бисту нӯҳум** дар он, ки чаҳор чизро бақо набувад: ҳокими золимро, дабири беҳирадро, моли ҳаромро, гардиши айёмро.

**Боби сиюм** дар он, ки чаҳор чиз мӯҷиби чаҳор чиз аст: лаҷоҷ (ситезкори) мӯҷиби расвовист, хашм мӯҷиби пушаймонист, бадгӯӣ мӯҷиби душманист, коҳили мӯҷиби хорист.

**Боби сию якум** дар он, ки чаҳор чиз ба чаҳор чиз тамом шавад: дониш ба ақл, тоат ба вараъ (порсоӣ), амал ба сидқ неъмат ба шукр.

**Боби сию дуюм** дар он, ки чаҳор чиз чаҳор чиз оварад: хомӯшӣ роҳат, фузулӣ (сафсатагӯӣ) маломат, саҳофат (сабукӣ) қаҳтӣ, шукр афзунӣ.

**Боби сию сеюм** дар он, ки чаҳор чиз шахсро заиф кунад: душмани бисёр, қарзи бисёр, занони бисёр, аёли маа қалсул мол (зани хешу табораш камбағал).

**Боби сию чаҳорум** дар он, ки чаҳор чиз чаҳор чизро бибарад: носипосӣ неъматро, бедод қувватро, касолат давлатро, такаббур мурувватро.

**Боби сию панҷум** дар он, ки чаҳор чиз боз натавон овард: сухани гуфтаро, тири андохтаро, умри гузаштаро, қазои рафтаро.

**Боби сию шашум** дар он, ки чаҳор корро кардан чаҳор чиз ёфтан аст: суол кардан—хорӣ ёфтан, оқибат наандешидан—пушаймонӣ дидан, ҳазли бисёр кардан— сабуксорӣ ёфтан, бо салотин далерӣ кардан—ҳалок ёфтан.

**Боби сию ҳафтум** дар он, ки чаҳор чиз нуқсони умр аст ва бими марг: ба серӣ муҷомаат кардан, ба серӣ ба гармоба рафтан, ғубори мева ва қалиди (гӯшти хушкшуда ва намакин) хом хӯрдан, бо занони пир сӯҳбат доштан.

**Боби сию нӯҳум** дар он, ки чаҳор корро чаҳор чиз набошад: дурӯғгӯйро мурувват, бахилро саодат, ҳасудро роҳат, бадхӯйро меҳтарӣ.

**Боби чиҳилум** дар он, ки чаҳор чиз асли саодати дуҷаҳонӣ ва мудовидоти (даво) ҷовидонист: фармон бурдани худой ва расул, хушнуд будани падар ва модар, хизмати уламо ва ҳукамо, шафқат бар халқи худои таоло.

**Таҳияи Раҳимшоҳи**
**ШАРИФЗОДА.**

# Бузургдошти Амир Хусрави Деҳлавӣ

***Ба муносибати 750-умин солгарди шоири классики форс-тоҷик Амир Хусрави Деҳлавӣ 29 ноябри соли равон дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Низомии пойтахт якҷо бо Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон ва Донишкадаи забон ва адабиёти ба номи Алишер Навоӣ конфронси илмӣ-адабӣ баргузор шуд.***

Толори маҷлисҳои донишгоҳ аз донишҷӯён, омӯзгорон ва алоқамандони каломи бадеъ пур буд.

Олимони барҷастаи адабиётшиноси ӯзбек пиромуни мавзӯъҳои зерин баромад карданд: Ҳ.Ҳомидӣ «Абадияти Амир Хусрави Деҳлавӣ», А.Ҳаитметов «Дар хусуси қасоиди Амир Хусрави Деҳлавӣ», Б.Тӯхлиев «Муаммоҳои эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ дар ҷараёни таълим»...

Проректори донишгоҳ С.Ашурбоев баъди меҳмононро хайрамақдам гуфтан, сухани муқаддимавиро ба узви вобастаи Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон, академик Тӯра Мирзо дод.

Академик гуфт:

— Дирӯз дар Бухоро ҷашнвораи Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ сурат гирифт. Мо нобиғагону бузургони зиёде дорем, месазад ҳамарӯза бо ҷашн ба сар барем. Ҷашни бузургдошти Амир Хусрави Деҳлавӣ низ дар доираи ин тадбирҳост, ки ҳоло дар Донишгоҳи ба номи Низомӣ баргузор мешавад.

Амир Хусрави Деҳлавӣ аз шоиронест, ки ба «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ ҷавоби муносиб дода тавонистааст. Алишер Навоӣ аз ӯ ба некӣ ёд кардааст. Шоир дар олами сухан роҳу равиши хоси худро дорад. Дар баробари шоир будан мутафаккир ва олими бузург низ мебошад. Рисолаҳои илмиаш хеле зиёданд.

Агарчи ба забони форсӣ-тоҷикӣ эҷод кардааст, дар таърихи адабиёти ӯзбек ҳам мақоме дорад. Олимон Ш.Шомуҳаммадов, Ҳ.Ҳомидӣ ва Имомназаровҳо даст ба тадқиқи осори ӯ задаанд.

Сомеъон аз баромадҳои профессорон Ҳ.Ҳомидӣ, А.Ҳаитметов, Б.Тӯхлиев, корманди дастгоҳи Президент шоир Носир Муҳаммад, вобастаи корҳои фарҳангии сафоратхонаи Ҷумҳурии Исломии Эрон доктор Вафоӣ, ки паҳлӯҳои гуногуни эҷод ва зиндагиномаи шоири бузургро дар бар гирифта буд, маънӣ ва маърифате бардоштанд.

Дар охир донишҷӯёни адабиётдӯсти донишгоҳ чанд ғазали Амир Хусрави Деҳлавиро дар тарҷумаи Ҷаъфар Муҳаммад ба самъи шунавандагон расонданд.

**ШОҲИД.**

## Олами садранг

### Роҳи пешрафт

Картошка руёндан кори осон нест. Меҳнати зиёдеро талаб мекунад. Вале оилаи Соболевҳо роҳи хуби пешрафтро дарёфтанд. Сарвари оила тавассути Интернет хабар паҳн карда, барои руёндани картошка сайёҳонро аз хориҷ даъват намуд. Ва ба он сайёҳони хориҷӣ ба тезӣ рӯ оварданд. Онҳо баробари ошно гардидан бо ҳаёти деҳотиёни рус ба чӣ тавр руёндани картошка мароқ зоҳир намуданд. Ин аст, ки алҳол ҳафт нафари онҳо дар хонадони Соболевҳо меҳмон буда, баробари руёндани картошка аз хосияти шифобахшии ҳаммоми рус ҳам баҳравар мегарданд. Ҳатто баъзеи онҳо аз як қатор маризиҳо халос шуда, ба наздикон хату барқияҳо фиристодаанду миқдори хоҳишмандон пайваста меафзояд.

Аммо Соболевҳо барои қабул кардан имконият надоранду онҳоро ба ҳавлии ҳамсоягон бурданиянд.

### Аз раъду барқ худро паноҳ кунед!

Бразилия мамлакатест, ки аз ҷиҳати сар задани раъду барқ дар ҷаҳон ҷои аввалро ишғол менамояд. Сабаби он шояд дар мамлакати тропикӣ будани он бошад.

Ба қарибӣ бар асари сар задани барқ беш аз сад нафар одам ҳалок гардид. Ва ба туфайли ин ҳодисаи табиӣ ҳар сол оилаҳои зиёде ҷабр мебинанд, бепарастор мемонанд. Ҳукумат ҳар сол аз сабаби сар задани раъду барқ ва оқибатҳои гарони он 180 миллион доллар зарари иқтисодӣ мебинад.

### Киҳо бештар хамёза мекашанд?

Олимони амрикоӣ, баъди тадқиқотҳои чандинасра ба ин савол, ҷавоб ёфтанд. Ба фикри онҳо одамони аз ҳад зиёд нармдил бештар хамёза мекашидаанд. Баъзе тоифаи одамон баробари дидани ин ҳолат ба тарзи автоматӣ ба он ҷӯр мешудаанд.

Одамони инҷиқ, феълу атворашон бад ва бадсиришт кам хамёза мекашидаанд.

Ин ҳолатро гӯё тести махсус исбот кардааст.

### Як кас ба муқобили се «офат»

Дар Новгород воқеаи аҷибе рух дод. Ба мардаки ширакайфи 42-сола дар як вақт орӯи асал, хурӯс ва хук ҳуҷум карданд. Мардак, ба қавле, аз се «офат» худашро ҳимоя карданаш лозим буд.

Ба марди ширакайф аввал оруи асал неш зад. Чаро ки табиатан оруҳои асал машрубботнӯшандагонро бад мебинад. Ба зарбаи нешҳои оруҳои асал тоб наоварда гурехт ва ба хурӯс пешпо хӯрд. Хурӯс аз ҷаҳл ба пояш нӯл зад. Аз дарди ҷонкоҳ сари ӯ чарх зада ба болои хук афтид. Ва аз зарбаи хук аз ҳуш рафт. Чашмашро кушода худро дар бемористон дид.

**Гирдоваранда Э. ТУРДИҚУЛОВ.**

***Инак, мусобиқоти анъанавии байналхалқии шиноварии синхронӣ, ки таҳти шиори «Сув парисӣ» дар Тошканд идома дошт, ниҳоят ба поён расид.***

# Париёни обро бинед

Дар он баробари варзишгарони Ўзбекистон инчунин аз дигар мамлакатҳои хориҷӣ низ шиноварон иштирок доштанд.

Дар талошҳои духтарони шиновар фиристодаи Русия, чемпиони Урупо дар байни наврасон Юлия Шепелова ҷои аввалро гирифт. Ӯ аз шоҳсӯфаи мусобиқаҳо ҷой гирифт. Ҷои дуюм насиби варзишгари Чин Чен Хао Юн, ки дар мусобиқа бо барномаи душвору ҷаззоби худ тамошобинонро ба ваҷд овард, шуд. Композитсияи иҷрокардаи ғолибон аз лавҳи хотири бинандагон дер вақт фаромӯш нахоҳад гашт.

**Варзиш**

Хурсандиовар аст, ки аз сафи се ғолиби мусобиқаи шиновардухтарони синхронӣ варзишгари мо Наталя Корнеева низ ҷой гирифт.

Муваффақияти варзишгардухтари мо натиҷаи машқҳои дуру дароз ва талоши худи Н.Корнеева буд. Ғайр аз ин ба Наталя Корнеева он таҷрибаҳое, ки дар чемпионати Осиё, Бозиҳои Осиё ва дигар мусобиқаҳои байналхалқии ҷавонон азбар кардааст, ба кор омад.

# «Наҷот» — наҷот медиҳад

***Саҳаргоҳ аҳли маҳаллаи ба номи Усмон Юсуповро хабари машъуми худкушии духтарча ба ташвиш овард. Чанд рӯз пеш ӯ, хоҳараш ва додарчаашро падару модарашон ба хонаи хешовандонашон оварда, «ҷанги бародаркушӣ хотима ёбад, меоем» гуфта, ба Тоҷикистон рафта буданд. Хешовандон аз парастории се нафар фарзанди кас душворӣ кашида хоҳару додарчаашро ба хонаводаҳои дигар доданд. Ин ҷудоиро Нилуфари хурдсол бардошта натавонист ва ҷораи ягонаро... андешид. Субҳи содиқ аҳли хонавода ҷасади дар молхона овезони ӯро дарёфтанд. Ҳамагон афсӯс мегуфтанд, коркунони умури дохилӣ баъзе тадбирҳо андешиданд, ин воқеаро дар ҷамъомадҳо муҳокима менамуданд... Баъди муддати мадиде Нилуфар аз хотирҳо фаромӯш шуд...***

Хоҳари Нилуфар ба тақдир тан дода дар маҳаллаи Кати шаҳри Қаршӣ дар хонаводаи Назаровҳо зиндагӣ мекард. Азбаски зану шавҳар ба нохуни фарзанд зор буданд, ӯро хуб пазируфтанд. Подоши ин некиашон худованд ба онҳо баъди ҳафт соли хонадорӣ фарзанд ато кард. Ӯ ба корҳои хона ёрӣ медод, духтараки зебову дидадаро шуда буд. Ҳамсолони ӯ либосҳои зебо ба бар карда, сӯи мактаб равон мешуданд, лекин парасторони ӯ дар ин бора чизе намегуфтанд. Ҳатто дар бораи ба ҳайси фарзанд қабул кардани ӯ ягон ҳуҷҷат надоштанд. Ӯ чанд бор ба парасторони худ дар бораи таҳсил гап кушод, лекин онҳо суханро ба дигар тараф мекашиданд. Ба ҳамин минвол рӯзҳо сипарӣ мегаштанд, ниҳоят Барно 15-сола шуд. Ҳамсояҳо ба ӯ ҳавас мекарданд, дар атрофи хонаашон ҷавонписарон низ чарх зада, барои бо ягон кори рӯзгор ба берун бароmadanашро мунтазир мешуданд. Аҳли хонавода аз ин воқиф шуда, ҳар замон ба ӯ танбеҳ медоданд. Барно аз ин дилгир мешуд ва чора меҷуст. Ҳатто нияти ба ҷони хеш қасд карданро дошт.

Рӯзе ӯ тавассути барномаи телевизион дар бораи фаъолияти ташкилоти нодавлатию нотиҷоратии «Наҷот» хабардор шуд ва ба онҳо занг зад...

Ташкилоти нодавлатию нотиҷоратии «Наҷот», ки бо мақсади ёрии психологиву тиббию ҳуқуқӣ расонидан ба занону наврасони бино бар зӯроварӣ ба ҳолати ногувор монда ташкил шудааст, инчунин онҳоро бо сарпаноҳи муваққатӣ таъмин менамояд ва муносибати намояндагони расонаҳои ахбори умумро нисбати зӯроварӣ ташаккул медиҳад, дар шаҳри Қаршӣ фаъолият мебарад. Тавассути телефон ба духтарак маслиҳатҳои муфид доданд. Бо духтарак вохӯрда, ӯро аз нияти бадаш баргардонданд. Сипас ба умури корҳои дохилии шаҳр муроҷиат карда, дар бораи духтарча ва кирдори ғайриқонунии парасторони ӯ маълумот доданд.

—Мо илтимос намудем, ки онҳо аз имкониятҳои касбии худ истифода намуда, барои ба ватанаш баргардонидани духтарак ба мо ёрӣ расонанд. Роҳбар розӣ шуд ва ин корро ба зиммаи нозири маҳалла бор кард. Нозир бошад, муаммоҳои зиёдеро пеш овард. Дар бораи маркази мо, ки асосан пинҳонӣ кор мебарад ва парасторони Барно Шокирова маълумоти ошкоро дод. Онҳо бо ӯ сурху сафед шуданд. Инчунин аз чӣ сабаб бошад барои барқарор намудани ҳуқуқҳои духтарак мамониат нишон медод. Хуллас, баъди талошҳои зиёд мо ӯро ба назди ақрабо баргардонидем,—гуфт зимни сӯҳбат директори марказ Гулбаҳор Эркаева.

—Сарчашмаи ҳамаи бадбахтиҳо ҷанг аст, бубинед, духтараке ба ҷони ҷавонаш ҷабр кард, наврасе сари вақт таълим гирифта натавонист, ба зулму тааддӣ дучор шуд,—иброз дошт психологи марказ Шоира Усмонова.

Маркази нодавлатию нотиҷоратии «Наҷот», ки лоиҳаи онро фонди ИООФС (Сорос) дастгирӣ мекунад, бо журналистон ҳар моҳ дар мавзӯъҳои муҳим машварат мегузаронад. Машваратҳо бисёр шавқовар буда, барои баланд бардоштани маҳорати касбии онҳо хеле муҳим аст. Имрӯзҳо коркунони марказ ба ҳимояи ҳуқуқи зане пардохтаанд, ки ӯ баъди 19 соли оиладорӣ аз хонаводааш ронда ва аз фарзандон зиндаҷудо шудааст.

**Улдон ҚАРАЕВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

## Неъматҳои шифобахши табиат

### Печак

**«Пеши табиб нарав, пеши корафтода рав»**
**(Аз халқ)**

Ба ин воқеа хеле сол шуд. Дар шароити саҳро ба сар задани гӯсфанд рост омада буд. Албатта, баъди ҳалол кардан (яъне, буридани сари гӯсфанд), хуни онро то охир бароварда, аз соқи пои ақиб пӯсти онро андак бо корд буррида бо навда сӯрох карда баъд гӯсфандро бо даҳон дам мекунанд, то ки кандани пӯсташ осон шавад. Вақти чок кардани пӯст, тавре мегӯянд: «корд давид» ва ба пои чапам зад. Чун нӯги корд борик ва тез буд, то устухонам расида буд. Дард—ҷонкоҳ, устухони по — месӯхт. Хостам, ки онро аз модар пинҳон дорам. Ва бо дастам он ҷоро, ки аллакай шуста тоза карда будам, маҳкам доштам. Аз зери панҷа хун ҷиста баромад.

Худораҳматии модарам, агарчи аз хун ниҳоят метарсиданд, «сир бой надода» дарҳол як шохча алафи печакро аз замин канданду онро бо баргҳояш байни ду санг андак кӯфтанд. Баъд ба ҷои кордбуррида, чун малҳам гузошта, маҳкам бастем. Дарҳол хун ист кард. Ба корам давом додам. Як рӯз гузашт, бо эҳтиёт ҷои бастагиро кушодам, андак беҳтар шудагӣ намуд. Бори дигар «печак-малҳам» гузоштам. Баъди се рӯз андак-андак лангида пеши духтур омадам. Ҳанӯз поямро накушода, (барои пешгирии ин кори «ғайри тиббӣ», ки мабодо духтур коҳиш надиҳад), воқеаро нақл карда, ин «хасдоруро» гуфтам. Чунки бе ин ҳам медиду аз ман пурсиданаш аниқ буд.

Духтур, ки одами калонсол ва пуртаҷриба буд, «бисёр хуб кардед, печак бисёр доруи хуб, вай аз мумё ҳам қавитар»— гуфт ӯ. Дарҳақиқат, кушода бинем, пӯст аллакай ба якдигар часпидагӣ, захм на мадда дошту на варам...

### Гули тоҷи хурӯс

Дар ҷавонӣ бисёр гулӯзиндонак мешудам. Барои рафъи ин касалӣ, ки аксаран овозам мегирифту «дӯр-дӯр» месулфидам, ба ман оби ҷӯшонидаи гули тоҷи хурӯс медоданд. Ва бо ҳамин чанд муддат ором меёфтам. Як шаб дар ҷойгаҳи хоб гулӯям тамоман «ғип руст шуд» ва овозамгум, нафас кашидан ниҳоят душвор шуда монд.

Рост гӯям, он вақтҳо дар қишлоқ на духтур буду на духтурхона. Бисёриҳо барои маслиҳат назди молдухтур, ки ӯ «Раҳимдухтур» ном дошт, мерафтанд. Азбаски Раҳимдухтур «одами винохӯр» буд, модаркалони худораҳматии ман на фақат ба он ҷо рафтан, ҳатто фармудаи ӯро макрӯҳ мегуфтанд. Модаркалонам шахси тақводор, аз доруву дармони «урусӣ» ҳамеша дар парҳез буданд. 94 сол умр дида, то ба охири ҳаёт чашмашон ба хондани китоб, гузаронидани ришта ба сӯзан мегузашт. Аз бисёр алафу меваҳо дору тайёр мекарданд, ки шифо мебахшид. Аз ин таҷрибаи он кас бисёр ҳамсояву ҳамдеҳагон низ истифода мебурданд. Чанд навъ таъомҳои арақовари он кас медонистагиро то ба имрӯз дар он қишлоқ кор мефармоянд, ки «шапурма» яке аз он мебошад.

Қисса кӯтоҳ, шабе, ки аз сулфаи сахту гирифтани гулӯ овозам намебаромад ва нафаскашиам ба сахтӣ буд, иттифоқан «оби тоҷи хурӯс» ёфт нашуд. Барои ҳамин ҳам, дарҳол сархонаи чароғи карасиниро гирифтанду аз он ним пиёла карасин гирифта ба ман дароз намуданд, ки хӯрам. Бо дили нохоҳам ва зӯр ба зӯракӣ нисфи онро фурӯ бурдам, дар як лаҳза овозам кушода, нафасгириам осон шуда буд.

**М.РАҲГУЗАР.**



*Чун дар ҳама ноҳияҳои ҷумҳурият дар ноҳияи Сайҳунобод низ ба гӯштини миллӣ эътибор медиҳанд. Бародарон Набиҷон ва Олимҷон Нуровҳо аз хоҷагии ширкатии ба номи Ш.Раҳимов дар мусобиқаҳои ҷумҳурӣ низ аз рӯи гӯштини миллӣ иштирок намудаанд.*

***Дар акс:** бародарон **Нуровҳо** ҳангоми машқ.*

***Аксбардор: Р.АКБАРАЛИЕВ.***

## 3 декабр -Рӯзи байналхалқии маъюбон

# Конфронси илмию амалӣ

**ТОШКАНД. (Мухбири ЎзА Б.ХИДИРОВ хабар медиҳад).** Дар маркази миллии офияти тиббию иҷтимоӣ ва касбии маъюбони Ҷумҳурияти Ўзбекистон конфронси илмию амалии ҷумҳурӣ бахшида ба масъалаҳои рӯзмарраи пешгирӣ ва табобати маъюбӣ баргузор гардид. Дар он намояндагони вазоратҳо, идораҳо ва созмонҳои дахлдор, мутахассисони ҷабҳаи мазкур иштирок намуданд.

Дар кишвари мо оид ба барқарорсозии саломатии маъюбон ва кӯмаки ҳамаҷониба ба онҳо корҳои зиёде бурда мешаванд. Дар марказҳои офияти ҷумҳурият ҳар сол зиёда аз 12 ҳазор маъюбон саломатии худро мустаҳкам менамоянд.

Истеҳсоли маҳсулоти протезию шикастабандӣ ва аробачаҳои маъюбон аз маснуоти маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст. Хонаҳои меҳрубонӣ таъмир мегарданд, базаи моддию техникии онҳо мустаҳкам мешавад. Шифогоҳҳои наве, ки дар он саломатии собиқадорони ҷанг ва меҳнат, маъюбон аз нав барқарор карда мешавад, бунёд меёбанд.

Дар муассисаҳои таълимии системаи Вазорати меҳнат ва ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ ҳар сол 2,5 ҳазор маъюб ва кӯдакони ятим, бачагон аз оилаҳои камбисот таълим мегиранд ва бо кор таъмин карда мешаванд.

Дар конфронс корҳои оид ба расонидани кӯмаки тиббӣ ба маъюбон, таъмин намудани онҳо бо воситаҳои ёрирасон, омӯзиши касбӣ ва бо кор фарогирӣ таҳлил гардиданд, ҳамчунин вазифаҳои навбатӣ муайян карда шуданд.

# СПИД ва ҳашамати он

***ТОШКАНД. (Мухбири ЎзА Б.Хидиров хабар медиҳад). Бинобар шаҳодати мутахассисон дар ҷаҳон шумораи онҳое, ки ба касалии СПИД гирифтор шудаанд, меафзояд. он чиз изтиробовар аст, ки ба ин касалӣ аксаран ҷавонон гирифтор мешаванд. Вазъияти ба миён омада тақозо дорад, ки корҳои тарғиботию фаҳмондадеҳӣ дар байни аҳолӣ пурзӯр гардонида шаванд.***

Дар конфронсе, ки бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза ба муқобили СПИД- 1 декабр дар бунёди байналхалқии ба номи Ибни Сино баргузор гардид, аз ин хусус сухан рафт. Он ба масъалаҳои аҳамият ва нақши созмонҳои ғайридавлатӣ дар мубориза ба муқобили СПИД бахшида шуд.

Дар тадбир аз хусуси зарурияти пурзӯр гардонидани ҳамкории байни созмонҳои ғайридавлатӣ дар мубориза бо ин касалӣ, такмил додани усулҳои тарғибу ташвиқию нисбати ташхиси СПИД, боз ҳам бештар интишор додани маводҳои аёнию иттилоотие, ки дар ин раванд истифода мешаванд, сухан рафт.

## Футбол

Чандест, ки дар шаҳри Шарҷаи Аморати Муттаҳидаи Араб чемпионати ҷаҳон аз рӯи футбол дар байни ҷавонон идома дорад. Футболбозони мо дар як гурӯҳ бо ҷамоаҳои яккачини Аргентина, Испания, Малӣ тӯбронӣ мекунанд.

Тавре ки аз тариқи телевизион мушоҳида мекунем, талошҳо ниҳоят тезу тунд мегузаранд. Ҳар як ҷамоа кӯшиш дорад, ки мухлисони худро хурсанд кунад. Мусобиқаи аввалинро тими яккачини ҷавонони мо бо ҷамоаи Малӣ гузаронд. Мусобиқа хеле тезу тунд буд. Ба дарвозаи ҳариф А.Гейнрих ва И.Инъомов тӯб даровារданд. Вале талош ба ҳисоби 2:3 ба фоидаи футболбозони Малӣ анҷом ёфт. Талоши дуюм ҳам ба футболбозони мо бурд наовард. Ҷамоаи мо бо тими ҷавонони Аргентина вохӯрда, ба ҳисоби 2:1 мағлуб гашт. Ин дафъа низ ба дарвозаи ҳариф А.Гейнрих тӯб даровард.

Алҳол вазъияти ҷамоаҳои гурӯҳ ба таври зайл аст: Аргентина—6, Испания—3, Малӣ—3 хол доранд. Тими яккачини мо ҳанӯз соҳиби хол нагаштааст. Ҷавонони мо вохӯрии навбатиро бо тими яккачини Испания мегузаронанд.

# Мо кистем ва куҷо равонаем?

## 1.Аввал гиребони худ бибӯй...

—Шумо дар куҷо кор мекунед?

—Дар газета.

—Журналист?

—Ҳа.

—Барои чӣ шумо (журналистҳо —Д.Б.) ҳақиқатро наменависед?

—Менависем.

—Менависед-у...

Ин дафъа сенуқтаҳоро на ба хотири қатъ ёфтани сӯҳбати болоӣ, балки чун давоми гуфтугузор истифода кардам. Саволу ҷавоб, баҳсу мунозира, талош дар боби ҳақиқат, ки аз истгоҳи маркази шаҳр оғоз ёфт, то қарибии мавзеи Гӯри Мирони ноҳия идома намуд. Ронандаи ношиноси мусофиркашони хусусӣ гуфту ман гуфтам. Аслан вай он чи, ки дар боло овардем, ҳамонро тӯтивор такрор такрор мекард. Аз ҳақиқати ҳаётӣ чашм пӯшидану замонасозии рӯзноманигоронро гаштаю баргашта исбот карданӣ мешуд. Азбаски барои ман қатъи назар аз шахсияти инсон фазилатҳои умумибашарии ӯ афзал аст, андешаҳои ҳамсӯҳбатамро дар тарозуи ақл баркашида, ба ӯ посух медодам. Саволҳои банда аз қабили «Канӣ билети роҳкиро?», Сад сӯме,ки аз мусофирон мегиред, кадом идора муайян кардаасту чӣ гуна ҳуҷҷат доред?» барои ронанда вазнин афтод, ки андаке мулзам ҳам шуд.

Баъди расидан ба манзил оиди ҳақиқат басо фикр намудам. Ба саволҳои ҳақиқати ронанда ҷавобҳои ҳаққонӣ, бепардаву рост гуфтанҳоям як қадар таскини қалбам гардид. Аммо он сӯҳбат таконе шуд, то захмҳои дили хешро дар боби ҳақиқату ҳақшиносӣ ва мақсади зиндагӣ боз як бор тоза намоям. Ба назари ман ҳақиқат ва одамгарӣ ду паллаи як тарозуст. Ҳақиқатро менависам гуфта, ҳаққу ҳуқуқи инсонеро поймол намудан ҳам аз рӯи адолат нест. Аммо иллатҳои дардноки ҷамъиятро дидаву дониста нанавиштан ҳам гуноҳи азимест. «Баҳри кайке пӯстин сӯхтан» ва аз паси «як пула савдо, сад пула ғавғо» баровардан бошад, ҳамагуна эҷодкорро беобрӯ месозад. Алҳол инсонҳои барои танқиде, (агарчӣ ҳаққонӣ бошад ҳам) дари идораи рӯзномаро кӯбанда ва бо зангзании беохир дили муҳаррирро ба ларза оваранда кам нестанд. Яъне дар ин боб рӯзноманигорҳоро ҳушёрӣ мебояд. Онҳо бояд ба манфиати умумӣ қоғаз сиёҳ кунанд. Вагарна пеши ҳамкасбон шармсор гардидани ӯ равшан. Дар навбати худ дигарон низ (қатъӣ назар аз касбу корашон) бояд ба пешаҳояшон неш назананд, фоидаи худро аз зарари бегонаҳо афзал надонанд.

Рӯзе аз рӯзҳо фориғи кор шуда, чун одат ба чорроҳа омадам. Ҳамоно чашмам ба олими адабиёт, муаллим Ҳамидҷон Ҳомидов афтод. Дер боз, ки надида будам сӯяшон шитофтам. Муаллим асабӣ менамуданду ба саломам ҳам мисли пештара алек гирифта натавонистам. Ҳамин вақт:

—Агар розӣ набошед пулатонро гиред,-гуфтани калонсолеро шунидаму ба моҳияти масъала сарфаҳм рафтам. Маълумам шуд, ки он ношинос ронандаи «Дамас»-е будааст ва ба олим дар худи Намангон ваъдаи то хонаашон (маҳалли Гулистони Косонсой) бурданро додааст. Роҳкироро ҳам пешакӣ гирифтааст, аммо дар нимроҳ мизоҷҳои навро дида, муаллимро дар чорроҳа монда рафтанӣ шудааст.

Мусофиркашони дигаре ба хизмат ҳозир шуду раҳамон, ки як буд, ҳамроҳӣ кардам. Раҳорaҳ он кас дар бораи маданияти хизматрасонӣ гап мезаданду аз касодии рӯзафзуни одаму одамгарӣ табъашон мекоҳид. Маро бошад, андешаи дигар азоб медод, ки имрӯз рӯи коғаз меояд. Баробари он, ки Ҳ.Ҳомидов доктори илм, профессор ва устоди яке аз донишгоҳҳои обрӯманди ҷумҳурианд, инсони солхӯрда мебошанд. Қатъи назар аз он, ки муаллим қатори шахсони ангуштшумор ифтихори Косонсойанд, чун шаҳрванди оддӣ низ сазовори эҳтиром ҳастанд.

Чунин рӯйдодҳои ҳаётиро дар сари ҳар қадам дучор меоем. Онҳое, ки ҳақиқатнависии журналистонро гӯшзад карданӣ мешаванд, аз ана ҳамин гуна таъми талхи ҳақиқат огоҳ ҳам шаванд. Охир ҳақиқатро ҳафтод сол «меваи коммунизм» гуфтему то ба куҷо расидем!? Мегӯянд,-ку, «Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад». Аз ин рӯ ҳар кас ҳақ ва ҳақиқат—чистро саравал аз худаш бипурсад, об ба лаби ҷӯ баробар мешавад, яъне:

**Аввал гиребони худ бибӯй,**
**Баъд айби дигарон биҷӯй.**

**Ахлоқ**

## 2.«Мо ғулом наем...»

Воқеае, ки хотиррасон карданиам, чор сол муқаддам рух дода буд. Шояд мепурсед: «Аз бод додани кохи кӯҳна чи суд?» Аммо дирӯзакак дар сӯҳбате маълумам шуд, ки ин ҳол имрӯз ҳам идома доштааст. Ман аминам худатон низ чунин ҳодисаҳоро дидаед...

Фавқуллода кӯдак бемор шуду ба шӯъбаи касалхонаи бачагонаи марказӣ хобонидем. Саҳарии рӯзи дигар ба аёдат рафтаму дидам, ки дар чашмони модараш ашк ҳалқа мезад. Аввал гумон кардам кӯдак тамоми шаб ором нашуда ӯро хавотир намудааст. Афсӯс, ин тавр набудааст. Ҳамшираи навбатдор фавран барои се рӯз хӯрокпулӣ талаб кардааст. Гузаронидани сӯзандоруро бошад, ба гӯшаи хаёлаш ҳам наовардааст ва ҳатто ғашкунии кӯдак ба ӯ асаре надоштааст. Табиӣ, ки шунидани ин ҳол ғазабовар аст. Аз ин рӯ, ба ҳузури мудири шӯъба даромадам, Арслонов вазъиятро фаҳмида маро аз ғамхориву маслиҳатҳояш бархурдор намуд. Аз болои ҳамшира шикоят навиштанро бошад (хайрият, ки чунин одат надорам) рад намудам.

Хонандагони азиз! Агар маро фақат ҳамин чиз дилғаш мекард, кирои қалам ба даст гирифтан ҳам набуд. Аммо чизи дигар он вақт қалби маро озурда карда буд. Баробари аз назди духтур баромаданам, маро ду нафар зани либоси сафед ба бар мунтазир буданд. Онҳо фаҳмонданӣ мешуданд, ки он ҳамшира ба вазифааш нолоиқ. «Нависед», «вай худаш ганда...» мегуфтанд онҳо. Каме дуртар бошад ҳамшираи аз кардааш пушаймон низ меистод. Гуфтам-ку ҳарчанд аслиҳаи ман дар 25 соли охир қаламу коғаз аст, ҳаргиз аз болои касе шикоят нанавиштаам. Аммо мисли ҳозира дар газетаҳо мақолаҳои танқидӣ, ҳикоятҳои ҳаётӣ ва масалҳои зиндагиро эълон карда меистам.

Санъаткори варзидаи кино Давлати Худоназар дар сӯҳбате бо мухбири рӯзномае гуфта буд: «Мо ғулом наем, ғуломон лоланд». Ҳақиқатан ҳам нишони ғуломист. Аммо аз забон оқилона фойда бурдан низ кори ҳар кас нест. Чунки забони гӯё ҳам басо касонро ба ташвиш андохтааст. Дар асл ҳуда ё беҳуда мӯҳри хомӯшӣ ба лаб задан боиси ноумедиву бадбахтии ин ё он кас гаштанаш аниқ. Воқеъаи боло ёдовар шудаву андешаҳои паси он чанд қабил ғуломонро пеши назарҳо ҷилвагар месозад. Оне, ки қурбони талаби нодурусти ҳамшира ( ва ё хизматчии дигар) гаштааст,-ғулом аст. Ғуломи ҳақношинос. Он ду тани «нависед» гуфта (ва дигар касони ба ҳамин монанд) низ ғуломанд. Онҳо ғуломи худбиниву манфиатҳои шахсианд...

Ҳамин ҷо саволе ба миён меояд: Чӣ бояд кард, то аз ғуломӣ озод бошем? Пеш аз ҳама барои ҳар як кас новобаста аз ҷинсу миллат, синну сол пойдевори мустаҳками илмӣ зарур аст. Фикри шахсии то дараҷаи эгоизм (худбинӣ) нарасида, дар ана ҳамин мавридҳо киву чӣ буданӣ фарзанди одамро муайян мекунад. Ҳар кас агар «Аз гаҳвора то гӯр дониш» ҷӯяд ва волидайнро фикри «Хонда чӣ мешуд?» нисбати ҷигарбандон тарк кунад, шояд ҳар фарди ҷамъият ба муродаш бирасад.

## 3. Озодии сухан ҳам меъёре дорад

Маънии озодӣ он нест, ки ба чаҳор тараф доду фарёд кунем, дидаву дониста ё кӯркӯрона ба роҳи нодурусти зиндагӣ дигаронро даъват намоем. Боиси ноoромии одамони алоҳидаву ҷамъияте гардем. Аз ин рӯ, бояд: худогоҳӣ, ҳақшиносӣ ва парастиши қалбии ҳақиқат, фарқи байни ҳалолу ҳаромро донем.

Замони ҳаёҳуи хушку холӣ, нодуруст дарк карданӣ қадами муборакӣ Истиқлол паси сар мешуд. Дар бозори марказии ноҳия саргарми сӯҳбате будем. Тобистони гарм буд ва куртаи остинкӯтоҳ ба бар доштам. Марди тахминан ҳамсолам ба миёни сӯҳбатамон бе салому алайк лагад зад:

—Шумо дар кадом мазҳаб?

—Чӣ буд?—аз саволи ногаҳонии марди ноошно ҳушёр шуда, пурсидам.

—Дар мазҳаби мо чунин либос намепӯшанд»—гуфта буд он ноошно.

Баъди он ман то қадри имкони хеш ӯро ба доираи сӯҳбат кашидам. Дарёфтам, ки он «марди тасодуфӣ» аввалан аз мазҳабҳо дараке надоштаасту сонӣ макони аниқи ибодат мекардагӣ ҳам надоштааст. Ҳамсӯҳбати асосиам, ки марди тақводоре буд, ӯро дурустакак танбеҳ дод. Баъди ҳамин воқеа рӯ ба рӯям ояд, бо сари хам гузашта меравад.

Ҳа, он «қаҳрамон» ҳам он солҳо хешро озод мепиндошт ва мумкин борҳо чунин «корнамоиҳо»-ро такрор кардааст. Ғуломи ҳисҳои парокандаи хеш, ғуломи ақидапарастӣ буд вай...

«Мо кистем ва куҷо равонаем?» Агар ин воқеаҳоро дар макони зистам шоҳид намешудам, ҳоҷат ба ин бозпурсӣ набуд.

—Келгендӣ, — мегуфт зане.

—Худат-чӣ? рақиби ӯ низ паст наомад.

Сонитар донистам, ки аз сабабгорони ин мунокиша яке ким-кайҳо аз Русия ба ин тараф кӯч баста будаасту дигаре ба ҳамин қарибиҳо аз ноҳияи ҳамсояи Қирғизистон омада.

Магар ҳамаи одамони рӯи замин аз насли Одаму Ҳаво нестанд?! Решаи ҳар яки моро чунин хешӣ намепайвандад? Бо мурури замон, бо гузашти вақт ва солиёни дароз аз ҳам дур нашудаем? Саволҳо дар ҳамин оҳанг охир надоранду фақат як чиз — Марг бемуҳобот интиҳои ҳар яки мост ва бо номи таваллуд ҳама ибтидое дорем. Шояд ҳамин гуна ҳодиса дили Шайх Саъдиро ба изтироб оварда, ки қариб 800 сол пеш гуфта:

**Бани Одам аъзои якдигаранд,**
**Ки дар офариниш зи як ҷавҳаранд.**
**Чу узве ба дард оварад рӯзгор,**
**Дигар узвҳоро намонад қарор.**

Ба назари камина ҳамин мисраъҳои ҳаётии шоир чорчӯбаи озодист. Ин деворест, ки зиндагиамонро иҳота кардаву саҳнаи умрамонро нигаҳбон.

**Дӯлтабой БӮТАЕВ.**
КОСОНСОЙ.

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

**Муовини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ**

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабандӣ шуд.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи дуинтервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

***Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ўзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г -141***

Адади нашр 1100. 1 2 3 4 5

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Ҳ/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: **А. СУБҲОН.**
Мусаҳҳеҳон: М. ДОДОБОЕВА, Т. ФАЁЗОВА.
Саҳифабанд: Х. Тӯхтаева.

**Нишонии мо:**
**700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ (тел./факс): 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
E-mail: ovozi@billur.net
ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.